ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

ВБД: 323: 341.222 (575.5)

Бо ҳуқуқи дастнавис

ИСРОИЛОВ ИСМОИЛ ИСРОИЛОВИЧ

НАҚШИ НИҲОДҲОИ ҲИФЗИ САРҲАДИ ДАВЛАТӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ (ДАР МИСОЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

АВТОРЕФЕРАТИ
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси
23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ

Душанбе, 2025

Диссертатсия дар кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Нуриддин Парвин Раймалихон** – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқарризони расмӣ: **Назарзода Пиралӣ Сафар –** доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ;

Бедилзода Ҳусайн Кабут – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири шуъбаи масоили муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ.

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Ҳимояи диссертатсия «11» октябри соли 2025, соати 10:00 дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-079-и назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Душанбе, хиёбони Рудакӣ 33) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмии ба номи Индира Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Душанбе, хиёбони Рудакӣ 33) ва сомонаи расмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ (www.ifppanrt.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____ » _____ соли 2025 фиристода шуд.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ Сангинов Н.Н.
Email:sanginov1953@mail.ru

МУҚАДДИМА

Муҳиммии мавзуи таҳқиқ. Таҳқиқи нақши ниҳодҳои ҳифзи марзу буми давлатӣ дар таъмини амнияти давлатию миллӣ дар замони муосир яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Омӯзиши роҳу усулҳои таъмини бехатарии давлат ва зиндагии амну осоиштаи мардуми тоҷик, хусусан дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти тоза касб намуда, дар назди аҳли илмҳои сиёсӣ масъалаи аз лиҳози назариявию амалӣ баррасӣ намудани мушкилоти марбут ба муҳофизати марзи давлат таъмини худмухториву соҳибихтиёрӣ ва амнияти Тоҷикистонро ба миён мегузорад. Ин мавзуъ дар шароити тезутундшавии авзои байналмилалӣ ва муносибати байни давлатҳо дар манотиқи ҷудогона аҳаммияти боз ҳам бештар пайдо кардааст. Зикр намудан ҷоиз аст, ки доир ба мушкилоти дифои сарҳад аз таҳдидҳои беруна, таъмини суботу оромӣ дар ҳудуди кишвар ва рафъи таҳдиду хатарҳои дохилӣ, ки бо манофеи ҳаётан муҳимми миллӣ иртибот доранд, имрӯзҳо дар доираи муҳаққиқони илмҳои сиёсӣ, ходимони давлатӣ ва сиёсатмадорон боиси ба амал омадани мубоҳисаҳои мухталиф гардидааст. Дар ин ҷода назар ва афкори муҳаққиқон дар идроки ҷавҳару ҷанбаи масъалаи мазкур гуногун мебошанд, ки пешбурди пажуҳише дар ин самт барои кушодани гиреҳҳои сарбаста ва муайян намудани ақидаи дурусту пазируфтанӣ мусоидат хоҳад намуд.

Айни замон, дар бораи сарҳади давлатӣ мафҳумҳое пайдо шудааст, ки бе онҳо фаҳмиши мавҷудияти ҳифзи сарҳади давлатӣ ғайриимкон мебошад. Ҳар як давлат, дар куҷое, ки набошд бо ҳудуди муайян маҳдуд карда мешавад. Аз ин нуқтаи назар – сарҳад ин сохторҳои нисбатан нави иҷтимоиест, ки аввал бо тассавуроти иҷтимоӣ сохта шуда, сипас бо демлитатсияи махсус дар харитаҳои гуногун нишон дода мешавад.

Ҳамзамон, ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ унсури муҳимтарини сиёсати ҳарбии давлат буда, ҳифзи марзу буми кишвар ба онҳо вобастаю пайваста мебошад. Аз ин рӯ, муҳиммии таҳқиқи мавзуи мазкур ба он вобаста аст, ки мушкилоти таъмини бехатарии сарҳадӣ дар низоми амнияти миллӣ ҳам барои олимон дар таҳияи асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва нигоҳдории он ва ҳам барои сарҳадбонон ва кормандоне, ки аз рӯйи хусусияти фаъолияти вазифавии худ бо он алоқаманданд, як соҳаи муҳимму васеи фаъолият маҳсуб меёбад. Таъмини амнияти сарҳади давлатӣ дар ҳама давру

замон масъалаи хеле мубрам ва аввалиндараҷа буд ва мемонад. Вале зарурат ба он дар марҳалаи тағйирпазирии ҷомеа боз ҳам бештар меафзояд.

Аз ин рӯ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қуввахои Мусаллаҳ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳиммии масъалаи мазкуро дарк намуда, ҳанӯз 28 майи соли 2022 зимни суханронии худ ба муносибати Рӯзи сарҳадбонон таъкид намуда будаанд, ки «Вазъи ниҳоят мураккабу ҳассоси минтақа ва ҷаҳон, торафт вусъат пайдо кардани миқёси хатару таҳдидҳои муосир, қабл аз ҳама, терроризму экстремизм, радикализми динӣ, қочоқи силоҳ, маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷиноятхориҳои муташаккил тамоми хизматчиёни ҳарбии сохторҳои низомӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дар навбати аввал, неруҳои марзбонро водор месозад, ки ҳушёрии касбӣ ва зиракии сиёсиро ҳаргиз фаромӯш накунанд»[75].

Дар воқеъ, неруҳои марзбон ҳамеша дар сафи пеши муборизаба хавфу хатарҳои нави ҷаҳонӣ буда, яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ ба шумор мераванд. Аммо, дар марҳалаи вазъи нооромиҷаҳони муосир сохтор ва мазмуну мундариҷаи амнияти миллӣ хеле печидатар шудааст, ки на танҳо таносуби қисмҳои таркибии он, балки ташкили алоқаи байниҳамдигарии онҳо низ тағйир ёфтааст. Бинобар ин, ба амал омадани як қатор таҳдидҳои ғайриҳарбӣ ва ғайрианъанавӣ зарурати ташкил ва рушду такомули ҷузъҳои дахлдори низоми амнияти миллӣ ба миён меоранд.

Ин аст, ки муайян кардани мавқеи қуввахои мусаллаҳ дар низоми умумии амнияти миллӣ ва мудофиаи кишвар мутаносибан на танҳо чорчӯбаи вазифавии амалии онҳо, балки ба хусусияти таҳдидҳо аҳаммияти амалӣ пайдо намудани амнияти сарҳадӣ ҳамчун зарурат барои таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ дар таъмини амнияти сарҳади давлатӣ дар ҳама давру замон масъалаи мубрам ва аввалиндараҷа буд ва мемонад. Вале зарурат ба он дар замони ба даст овардани соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам бештар меафзояд. Зеро буҳрони сиёсию иқтисодӣ дар солҳои 1990-ум кишвари моро ба коми худ кашида, вазъи умумии иҷтимоию сиёсиро хеле поён бурда буд. Хусусан, муқовимати ҳизбу созмонҳои гуногун то ба ҷое расида буд, ки фаъолияти шахсони алоҳида, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ҷомеа ва давлатро ба кулли тағйир дод.

Мавриди қайд аст, ки аз қадимулаём тоҷикон мустаҳкам намудани давлат ва ҳифзи марзу буми онро вазифаи асосӣ ва

давлатдории хеш медонистанд. Аммо дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ аз бесару сомониҳои дохилӣ баъзе қитъаҳои сарҳадии мо қариб, ки кушода монда буданд. Хусусан дар ҳудуди Бадахшони Тоҷикистон ваъият начандон хуб буд. Баъдан, бо ибтикори Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин масъала ислоҳи худро ёфт ва тамоми хати сарҳади кишвари мо ба дасти сарҳадбонон кишвари худамон гузашт. Вобаста ба ин, моҳи апрели соли 2003 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Федератсияи Россия В.В. Путин дар шаҳри Сочӣ вохӯрӣ гузаронида, оид ба Ҷумҳурии Тоҷикистон супоридани хати сарҳад ба мувофиқа омаданд. Марҳалаи супоридани хати сарҳад як сол аз июни соли 2003 то июни соли 2004 давом кард[66, с. 104-105].

Бояд гуфт, ки ҳар як давраи таърихӣ парадигмаи рушди худ ва идеяҳои мувофиқро дар бораи амнияти миллӣ таҳия мекунад. Аз ин рӯ, таҳқиқи ин масъала имкон медиҳад, ки ба дурнамои инкишофи ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ ва мақоми онҳо дар таъмини амнияти миллӣ ва низоми мудофиавии кишвар таваҷҷуҳи ҷиддӣ дошта бошем.

Оқибатҳои вазнини ҷанги таҳмилии шаҳрвандии Тоҷикистон, буҳрони иқтисодӣ ва дигар сабабу омилҳо ба паст гардидании иқтидори ҳарбию мудофиавии мамлакат дар нахустин солҳои мустақили сиёсӣ оварда расонида буд. Дар ин раванд, ба талаботи давру замон ҷавобгӯ набудани омодагии касбии афсарону аскарон, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудани тарғибу ташвиқи арзишҳои миллӣ, сулҳу субот, ҳимояи ҳуқуқҳои аскарон, паст гардидани нуфузи хизмати ҳарбӣ ва монанди инҳо боиси паст гардидани иқтидори ҳарбии кишвар мегардид.

Бинобар ин, чунин ҳолат дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои асосии пайдоиш ва ташаккули ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатиро тақозо менамуд. Ин ва дигар масъалаҳои марбут ба нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ, инчунин масъалаҳои баланд бардоштани иқтидори ҳарбӣ ва мудофиавии давлат ба воситаи амалӣ гардонидани сиёсати низомӣ ва ислоҳоти ҳарбӣ интихоби мавзуи диссертатсиониро арзёбӣ менамояд. Муҳиммии таҳлилу таҳқиқи нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллӣ низ тавассути ҳалли масъалаҳои дар боло номбаргардида, дар диссертатсия асоснок карда шудааст.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Барои нишон додани дараҷаи омӯзиши нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар раванди

таъмини амнияти миллӣ мавзуи мазкурро ба тариқи зайл тасниф кардан мумкин аст:

Ба гурӯҳи якум осори файласуфони классики Сун Тсзи, Афлотун, Арасту [63, с. 85], Геродот, Фукидид, И. Флавий, Ксенофонт [24, с. 202] дохил мешаванд. Онҳо роҷеъ ба муносибати ҷудонопазири сиёсат ва ҷанг, донишу малакаҳои ташкили ҷанг, нақши фармондеҳони дараҷаҳои гуногун дар рафти ташкили муҳорибаҳо, стратегия ва тактикаи ҳарбӣ, зиракӣ, интизоми қатъӣ, таъминот бо воситаҳои ҷангӣ дар асарҳои худ изҳори назар кардаанд..

Дар маркази таълимоти мутафаккирони Шарқу Ғарб тарбияи ҷанговарон ва аз синни ҷавонӣ омӯзонидани санъати ҷанговарӣ, интизоми оҳанин дар қушунҳо, қабули қарорҳои дуруст ва ҳалкунанда, нақши муҳим доштани амалиёти ногаҳонӣ, бо ғизо ва дигар анвои захираҳо таъмин будани гурӯҳҳои ҷангӣ ва ғайра қарор доштааст, ки онҳо дар даврaҳои минбаъдаи таърихӣ инкишоф ёфтаанд.

Гурӯҳи дуюм маҷмуи андешаҳои сиёсиро оид ба нақши артиш дар мақоми давлатдорӣ, усули ташкили ҷанг, баланд бардоштани иқтидори ҷангӣ, пуркуввat намудани ақибгоҳ ва амсоли инҳо дар бар мегирад. Чунонки, дар афкори илмии мутафаккирони аврупоӣ Н. Макиавелли, Т. Гоббс Ш.Л. Монтескё, Ж.Ж. Руссо, Г. Гегел ва К. Клаузевитс оид ба як қатор роҳу усулҳои асосии ташкили сиёсати ҳарбӣ мулоҳизаронӣ шудааст.

Гурӯҳи сеюм таҳлилу таҳқиқи адабиёти илмӣ-таҳқиқотие, ки бевосита ба раванди таъмини амнияти миллӣ дахл доранд, баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин асарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва суханрониҳояшон, ки вобаста ба ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ мебошанд ва дар рушду инкишофи масъалаи мазкур мақоми муҳимро ишғол мекунанд [103, с. 4-6].

Гурӯҳи чорум дар осори муҳаққиқони тоҷик, ба хусус А.Н. Муҳаммад, Ҳ.Қ. Сафарализода, М.У. Хидирзода, Р.Ш. Нуриддинов, Д. Назризода, А. Саъдулоев, Н. Назаров аз диди сиёсӣ арзёбӣ шуда бошад ҳам, вале мушаххасан дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии хеш ба нақши ниҳодҳои сарҳади давлатӣ дар таъмини амнияти миллию давлатӣ бевосита рӯ наовардаанд [34, с. 80].

Инчунин, рисолаву таҳқиқоти диссертатсионие, ки онҳо ба таҳлилу пажуҳиши масоили умумии амнияти миллӣ бахшида шудаанд. Ба ин гурӯҳ корҳои илмӣ-таҳқиқии. М.А. Акмалов, Ф.К. Восиев, П.А. Маҳмадов, С.Б. Рачабов, Р.Н. Файзов, Х.К. Холов, К.С. Шарипова [18, с.150] ва дигарон дохил шудааст. Олимону таҳқиқгарони мазкур дар

рисолаҳои худ раванди ба даст овардани истиқлол, роҳу воситаҳо ва заминаҳои мустаҳкам намудани пояҳои Истиқлоли давлатӣ ва давлатдории миллӣ, оқибатҳои даҳшатбори ҷанги шаҳрвандӣ, азнавсозии системаи таъмини амнияти давлатӣ, таъсир ва хавфи ҳаракату гурӯҳҳои тундгаро ва ифротӣ, пешгирӣ аз низоъҳои сарҳадӣ, баланд бардоштани иқтидори мудофиавии кишвар, ҳалли муноқишаҳои сарҳадӣ, ташаккули ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ, таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамкории амниятӣ ва ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ, созмонҳои минтақавию байналмилалӣ ва хусусан кишварҳои Осиёи Марказӣ, дурнамои мубориза бо таҳдиду хатарҳоро мавриди омӯзиш қарор додаанд.

Ба гурӯҳи панҷум таҳқиқотеро ворид намудем, ки дар онҳо масъалаи таъмини амнияти миллӣ тавассути мақому сохторҳои алоҳидаи давлатӣ роҳандозӣ гардидааст. Дар асарҳои М.М. Абдулҳақов, С.И. Бойко, И.А. Михайлов, Д.Х. Рачабов [175, с. 146] ва дигарон нишон дода шудааст.

Гурӯҳи шашумро асарҳои таҳқиқотие ташкид додаанд, ки дар онҳо муҳаққиқон масъалаи баррасии фаъолияти ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатиро ҳамчун ҳадаф қарор додаанд, ки рисолаву мақолоти З.М. Қурбонова, А.И. Ибодуллозода, В.П. Кузмин, Е.М. Терентев, Д.В. Моисеев, В.Ю. Федяков [25, с. 275-278] ва дигарон моҳияти ин масъаларо инъикос менамоянд. Таҳлили адабиёти соҳа ва осори илмии муҳаққиқони мазкур аз он дарак медиҳанд, ки масъалаи мавриди назар то ҳанӯз бо чунин шаклу мазмун ба таври диссертатсионӣ дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода нашудааст.

Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, стратегия, консепсия ва барномаҳои хусусияти сиёсӣ ва низомӣ дошта, ба монанди «Равандҳои сиёсӣ дар замони ҷаҳонишавӣ: ҷанбаҳои дохилӣ ва берунӣ» (барои солҳои 2016–2020 ва 2021–2025), мавзуъҳои пешбининамудаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, таҳти № 503 «Оид ба самтҳои муҳим ва афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ барои солҳои 2021–2025» мувофиқат менамояд.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ. Таҳқиқи хусусиятҳои муҳимми нақши қушунҳои сарҳадӣ дар таъмини амнияти миллии

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳадафи таҳқиқот интихоб гардидааст. Ҷиҳати татбиқи ҳадафи таҳқиқоти мазкур иҷрои чунин **вазифаҳоро** муҳим мешуморем:

– мавриди омӯзиш қарор додани масъалаҳои назариявию методологии таҳқиқи ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ ҳамчун муҳимтарин унсури сиёсати ҳарбии давлат;

– таҳлилу таҳқиқи вазифавӣ ва меъёрии ҳуқуқии доктринаҳои ҳифзи сарҳадоти давлатӣ;

– муайян намудани заминаҳои пайдоиш ва ташаккули ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ;

– баррасӣ намудани раванди ташаккулёбии ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон;

– таҳқиқи нақши Қушунҳои сарҳадӣ дар заминаи соҳибихтиёрӣ ва ҳифзи марзу буми кишвар;

– омӯзишу таҳқиқи моҳияти дурнамои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар шароити ба амал омадани мубориза ва барҳӯрдҳои нави геополитикӣ.

Объекти таҳқиқро масоили марбут ба нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Предмети таҳқиқи диссертатсионӣ фарогири масъалаҳои назариявӣ, сиёсӣ-амалии нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ давлатӣ дар шароити муосири давлатдории миллӣ мебошад.

Фарзияи таҳқиқ. Нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити дигаргуниҳои нави ҷаҳонӣ яке аз мавзуъҳои мубрами ҳарбие ба шумор меравад, ки то ҳанӯз ба таври кофӣ омӯхта нашудааст. Вобаста ба сатҳи омӯзиши он далелу фарзияҳои гуногуне мавҷуд аст, ки то ба замони соҳибистиқлолӣ ҳам омада мерасанд. Аммо мавҷудият ва роҳандозии сиёсати ягона дар самти бехатарии миллию давлатӣ, ҳифзи оромӣ ва осоиштагии сиёсии дохилӣ, муҳофизати сохти конститутсионии давлат, ягонагӣ ва дахлнопазирии сарзамин ва марзу буми кишвар яъне ҳамаи ин ба нигоҳ доштан ва мустаҳкам намудани амнияти миллии кишварамон нигаронида шудаст. Аз ин рӯ, тахмин меравад, ки имрӯз омӯзиш ва таҳқиқӣ нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ давлатӣ дар раванди таъмини амният ва таҳкими давлатдории миллӣ, барои Тоҷикистони соҳибистиқлол муҳимму зарурӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, гумон меравад, ки муайян намудани нақши қушунҳои сарҳадӣ дар таъмини амнияти миллӣ рӯзмарра ва саривақтӣ мебошад.

Марҳала, макон ва давраи таҳқиқ. Таҳқиқи мазкур дар давоми солҳои 2020–2024 дар кафедраи сиёсатшиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ анҷом дода шудааст. Дар таҳқиқ раванди пайдоиш ва ташаккулёбии минбаъдаи нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун масъалаҳои пажӯҳиши кори диссертатсионӣ интихоб гардидаанд. Марҳала ва даврaҳои таҳқиқи мазкур аз сар задани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ сар карда, то марҳалаи супоридани хати сарҳад аз ҷониби Россия ба Тоҷикистон (аз моҳи июни соли 2003 то моҳи июни соли 2004), дигар таҳдиду хатарҳои муосир ва ҳифзи сарҳадоти давлатиро то имрӯз дар бар мегирад.

Асосҳои назариявии таҳқиқ. Дар таҳқиқоти мазкур адабиёти илмию назариявие истифода гардидааст, ки дар онҳо назарияи сиёсати ҳарбӣ, алоқамандии сиёсат бо соҳаи ҳарбӣ ва нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ шудаанд. Аз ҷумла, асарҳои мутафаккирони аҳди қадим, давраи эҳё, замони нав ва донишмандони замони муосири хориҷию ватанӣ истифода шудаанд. Хусусан, назари сиёсатмадорону сиёсатшиносони советӣ ва рус ҷиҳати тавзеҳи мазмун ва моҳияти истилоҳоти «амнияти давлатӣ, бехатарии миллӣ, ниҳоду қушунҳои сарҳадӣ, ягонагии ҳудуд, ҳифзи манфиатҳои миллӣ» ва амсоли инҳо мусоидат намудаанд. Дар рисола андешаву ақидаҳои илмии муҳаққиқони тоҷик, ки ба масъалаҳои мухталифи муҳим будани ҳифзи марзи давлатӣ, ҳудуди давлат, таъсиси ниҳоду қушунҳои сарҳадӣ ва монанди инҳо бахшида шудаанд. Натиҷаҳои амалии диссертатсияро дар ташаккулу таҳаввулоти Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, нерӯҳои қудратӣ, афсарони марзбон мавриди истифода қарордодан мумкин аст.

Асосҳои методологии таҳқиқ. Дар раванди таҳқиқи мавзуъ, пеш аз ҳама, таҳлили системавӣ, сохторию функсионалӣ, муқоисавӣ таърихӣ ва ғ. истифода бурда шудааст. Тавассути таҳлили системавӣ нақш ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Инчунин сохтори сиёсати ҳарбӣ, дараҷаҳои зоҳиршавии он, вазифаҳои сиёсии онҳо низ дар заминаи методҳои номбаргардида таҳлилу баррасӣ шудаанд. Инчунин, дар таҳқиқот зимни баррасии вазъияти ҳарбиӣю геополитикии замони муосир аз методи таҳлили муқоисавӣ истифода бурда шудааст. Ба воситаи методи мазкур равандҳои интегратсионии даҳсолаҳои қаблӣ ва дезинтегратсияи шароитҳои гузаштаву имрӯза бо

дарназардошти таҳдиду хатарҳои замони муосир нишон дода шудаанд.

Дар маҷмуъ, усулҳои илмии истифодашуда имкон доданд, ки ҷанбаҳои методологию назариявии таҳқиқи нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаматарафа омӯхта шаванд ва дурнамои вазъи қушунҳои сарҳадӣ дар таъмини амнияти давлатӣ коркард шаванд.

Пойгоҳи иттилоотии таҳқиқ. Дар диссертатсия як қатор сарчашмаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба сифати манбаъ ва пойгоҳи таҳқиқ истифода шудаанд, ки онҳо ҷанбаи сиёсию ҳуқуқӣ ва таҳлилӣ дошта, дар Паёмҳои Президенти ҷумҳурӣ, дар вохӯрию суханрониҳояшон зимни мулоқот бо кормандони сохторҳои қудратӣ ва ҳифзи ҳуқуқ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон-Душанбе, 2001; қонунҳои қабулгардида доир ба «Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Душанбе, 3 октябри соли 2005, № 103 / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 03.10.2005, №103 – 17 с; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ш. Душанбе, аз 20 – марти соли 2008. №362. / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20.03.2008.-[26с.;] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Душанбе, аз 14-уми декабри соли 1996. №316. 2007. / Ахбори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 14.12.1993 сол, №316. – 65 с.; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Душанбе, аз 1-уми августи соли 1997. №481. / Ахбори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1.08.1997. №481. – 24 с.; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи разведкаи ҳарбии қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷкистон», Душанбе, 28-уми июни соли 2002, № 688. / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28.07.2002, №688. – 45 с.; Низомнома «Дар бораи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Душанбе, аз 28 декабри соли 2006, № 601. / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28.12.2006 сол, № 601. – 24 с.; Созишнома миёни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби харид ва хизмати ҳарбӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қушунҳои сарҳадии Федератсияи Россия дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҳористон» аз 30-юми марти соли 1994. – 33 с.; китоби Асрориён Ҷ., Асрориён А. Марзбон. Душанбе: «Мулквар», 2024.

Навгонии илмии таҳқиқ. Масъалаи нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун масъалаи илмӣ-таҳқиқотӣ дар сиёсатшиносии тоҷик пурра мавриди омӯзиш қарор наёфтааст. Аз ин рӯ, дар

диссертатсияи мазкур масъалаҳои ҷудогонаи навгонии илмии таҳқиқро ба таври зерин муайян кардан мумкин аст:

– масъалаҳои назариявию методологии таҳқиқи ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ ҳамчун муҳимтарин унсури сиёсати ҳарбии давлат мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст;

– вазифаҳо ва меъёрҳои сиёсию ҳуқуқии доктринаҳои муҳофизати марзҳои давлатӣ дар шакли яклухт таҳлилу таҳқиқ гардида, ҷиҳати дарёфти роҳу усулҳои муосири дифоъ аз хатарҳои дохилию беруна тавсияҳои судманд манзур гардидааст;

– манбаъҳои ташаккул ва рушду нашъунамои ниҳодҳои ҳифзи марзу ҳудудҳои давлатӣ муайян ва мушаххас карда шуданд;

– бахусус ҷараёни азнавташаккулёбии ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ ва тадриҷан рӯ ба тараққӣ овардани онҳо дар даврони истиқлоли миллию давлатии Тоҷикистон ҳамчун масъалаи илмӣ бори аввал баррасӣ гардидааст;

– нақши Қушунҳои сарҳадӣ дар заминаи соҳибихтиёрӣ ва ҳифзи марзу буми кишвар таҳлил ва муайян карда шуд;

– моҳияти дурнамои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар шароити ба амал омадани мубориза ва бархӯрдҳои нави геополитикӣ муайян ва исбот карда шуд.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Масъалаи муҳимме, ки дар таҳқиқ баррасӣ шудааст, ҳалли мушкилоти марбут ба ҳифзи сарҳади давлатӣ ҳамчун як ҷузъи ногусастании низоми бехатарии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад, ки аҳдофи он дар марҳалаи аввали соҳибистиқлолӣ ва ҳудмухтории давлат кор карда баромадани паҳлӯҳои ҳуқуқии он, назорати дар амал татбиқ гардидани талаботи қонуну низомномаҳои қабулшуда мебошад. Ин асноди меъёрии ҳуқуқӣ барои амалӣ намудани тадбирҳои фаврӣ, амалиётҳои ҳарбӣ, гузаронидани чорабиниҳои низомию тактикӣ, дифои манфиатҳои давлат ва ҷомеаи миллӣ, муҳофизати ҳудуди ҷумҳурӣ аз таҳдиди хатарҳои берунӣ ва ғ. нигаронида шудаанд. Дар баробари ин, ниҳодҳои ҳифзи сарҳадоти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми таркибии сиёсати ҳарбии давлатро ташкил медиҳад ва ташаккули минбаъдаи он низ тавассути механизмҳои татбиқи сиёсати ҳарбӣ амалӣ карда мешавад.

2. Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун категорияи давлатӣ-ҳуқуқӣ, ки ҳудуди тақсимоти соҳибихтиёрии давлатӣ ва қаламрави Тоҷикистонро муайян мекунад, инчунин тамомияти давлатиро пешакӣ муайян мекунад, дар ҳаёти давлат ва ҷомеа нақши

муҳим мебозад. Дар айни замон, зарурати такмили танзими ҳуқуқии идоракунии давлатӣ дар соҳаи амнияти давлатӣ ва пеш аз ҳама, идоракунии бехатарии марзу буми давлат бо роҳи коркарди стратегияи сиёсати давлатӣ ҷиҳати фаъолияти бенуқсони ниҳодҳои марзбонӣ низ муҳим мебошад.

3. Сохторҳои қудратӣ ин кумитаҳо, вазоратҳо, сохтор ва ҷузъу томҳое мебошанд, ки онҳоро давлат ташкил ва дастгирӣ менамояд. Аҳдофи асосии онҳо пуштибонӣ ва дифои сохти конститутсионии мамлакат ва тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рафъи хатарҳои дохилию берунӣ ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба амнияти миллӣ маҳсуб меёбад. Одатан, чунин ниҳодҳо сохтори мураккаб дошта, дар таркиби онҳо дастгоҳҳои марказӣ, идорӣ ва муассисаву ташкилотҳои таъиноти гуногундошта, иттиҳодияҳо ва дигар воҳидҳои расмӣ мавҷуданд.

4. Фаъолияти муташаккилонаи ҷузъу томҳои низомӣ ва ҳайати роҳбарикунандаву идорӣ ҷавҳари муҳимми мудофиавии давлатро ташкил медиҳанд, ки онҳо мақоми созмони низомии давлатиро моликанд. Ин ниҳодҳо вазифадор мебошанд барои бартараф кардани хавфу хатарҳои ҳарбии беруна, таҳдиди ҳаракатҳои иртиҷоию террористӣ, ки фазои амну осоиштаи Тоҷикистонро халалдор месозанд, барои таъмини якпорчагӣ ва дахлнопазирии қаламрави мамлакат, мутобиқи аҳдномаҳои ба тасвибрасидаи байналхалқӣ вазифадоранд, ки уҳдадориҳои ба зиммадоштаашонро пиёда намоянд. Бо дарназардошти қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи марзи давлатӣ, дар замони муосир мубориза бар зидди ҳаракатҳои тундгаро ва ифротӣ, ҷиноятҳои муташаккилонае, ки бо убури сарҳад алоқамандӣ доранд, роҳ надодан ба интиқолу қочоқи маводи мухаддир ва дигар таҳдидҳои амниятӣ оҳанги боз ҳам муҳимтаре касб мекунад.

5. Доираи фаъолияти қушунҳои сарҳадӣ, вазифаҳо ва ҳайати онҳо ба хусусияти таҳдид ба давлат дар соҳаи сарҳадӣ, заминаи моддию техникии он мувофиқат мекунанд. Вобаста ба хусусияти вазифаҳое, ки дар сарҳад ҳал мешаванд, давлат сохторҳои сарҳадии ҳарбӣ, полис ё шаҳрвандӣ бунёд месозад.

6. Дар марҳалаи кунунӣ амнияти сарҳад яке аз ҷузъҳои муҳим ва мубрами амнияти миллӣ ба шумор меравад. Ин ба рушди босуръати вазъи сиёсиву низомӣ, пайдоиши минтақаҳои даргир ва дигар омилҳо вобастагӣ дорад. Дар айни замон вазъ дар сарҳадҳои берунаи мамлакат мураккаб буда, назорати доимӣ ва вокуниши фаврӣ ба тағирёбии авзоъро тақозо мекунад. Ин фаъолият дар замони

истиқлолияти давлатӣ бар зиммаи қушунҳои сарҳадӣ вогузор шудааст ва амнияти ҷумҳурӣ аз иҷрои дурусту саривақтии қарорҳои қабулшуда вобаста мебошад.

Аҳаммияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқ. Мазмуни бобу зербобҳои диссертатсия дар заминаи назарияҳои илмии мавҷуда, хусусан корҳои илмӣ-таҳқиқотие, ки дар онҳо нақши қушунҳои марзбонӣ дар ҳифзи осоиштагии мамлакатҳо воқеъбинона инъикос ёфтааст, таҳия гардидааст. Дар ин замина муаллиф сохтори фаъолияти ҳарбӣ-сиёсӣ ва унсурҳои таркибии сиёсати ҳарбиро муайян намуда, зарурати рушду такомули тадриҷии онҳоро пешниҳод намудем. Аз ин рӯ, натиҷаҳои асосии таҳқиқ ҷиҳати омӯзиши минбаъдаи сиёсати ҳарбӣ аҳаммияти назариявӣ касб менамояд.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқ. Натиҷаҳои таҳқиқи мазкурро мутахассисони соҳа дар такмили стратегияҳо, қонуну низомномаҳои низомию сиёсӣ ва беҳтар намудани мақомоти идоракунии ҳарбӣ метавонанд, истифода баранд. Мазмун ва мундариҷаи диссертатсия дар муассисаҳои таълимии ҳарбӣ барои баланд бардоштани тарбияи ватандӯстӣ ва шуҷоатмандӣ, инчунин барои тавзеҳи хусусиятҳои муҳимтарини сиёсати ҳарбӣ ва шарҳи мафҳуму истилоҳоти соҳа низ тавсия дода мешавад. Маводи диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар таҳияи китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълимӣ аз фанҳои «Сиёсатшиносӣ», «Геополитика», «Амнияти миллӣ» истифода бурда шаванд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, қабл аз ҳама, дар бобати мухолифат надоштани мазмун ва мундариҷаи рисола бо назарияҳои сиёсии мавҷуда ва мувофиқати методҳои илмии истифодашуда бо соҳаи илми сиёсӣ ифода меёбад. Дар диссертатсия миқдори зарурии адабиёти илмӣ, сарчашмаҳои иттилоотӣ ва хулосаҳои илмию таҳқиқотии расман интишорёфта истифода бурда шудаанд. Инчунин эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар маводи таҳлилу таҳқиқгардидаи нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок гардида, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии довталаб дар заминаи таҳлилу баррасии адабиёти илмӣ ва таҳқиқи равандҳои сиёсӣ таҳия шудаанд.

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ – мутобиқ мебошад. Дар банди 2-юми шиносномаи ин ихтисос, «Системаи сиёсӣ ва сохтори

он», самтҳои таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла системаи давлатӣ, сиёсати давлатӣ ва идоракунӣ пешбинӣ шудаанд. Инҳо категорияҳое мебошанд, ки дар онҳо нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳад ҳамчун ҷузъи дастгоҳи давлатии маъмурӣ ва амниятӣ таҳлил мегардад.

Дар банди 3-юм – «Режими сиёсӣ» – низ мавзуи пажӯҳиш муайян шудааст, ки ба фаъолияти ниҳодҳои амнияти миллӣ дар доираи як низоми муайяни сиёсӣ ва таҳаввулоти нақши онҳо алоқаманд мебошад.

Ҳамчунин, банди 11-ум – «Назарияи идоракунӣ» – барои таҳқиқ пешбинӣ гардидааст. Дар доираи ин банд, идоракунии сиёсӣ, шаклҳо ва механизмҳои он, аз ҷумла идоракунии сиёсӣ дар самти таъмини амнияти миллӣ, мавриди омӯзиш қарор мегирад. Ниҳодҳои идоракунии сиёсӣ, аз ҷумла ниҳодҳои ҳифзи сарҳад, дар ин замина ҳамчун сохторҳое фаъолият мекунанд, ки вазифаҳои идоракунӣ ва ҳамоҳангсозиро иҷро менамоянд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи илмии диссертатсия маҳсули фаъолияти чандинсолаи мо мебошанд. Саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти мазкур дар ҷамъоварии маводи марбут ба мавзуи «Нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» назаррас мебошад.

Мутолиаи диссертатсия ва таҳлилу муқоисаи назари муҳаққиқон, пешниҳодот ҷиҳати интихоби роҳҳо, методу усулҳои беҳтарини ташкили фаъолияти ниҳоду қушунҳои сарҳадӣ нишон медиҳад, ки саҳми муаллиф дар таҳлилу таҳқиқи мавзуъ баланд ба назар мерасад. Натиҷаҳои асосии таҳқиқи диссертатсия дар шакли мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ифода ёфтааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Рисола дар кафедраи сиёсатшиносии муассисаи таълимии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ба анҷом расида, муҳтавои он дар ҷаласаи ҳамин кафедра таҳлил ва муҳокима гардидааст. Диссертатсияи мазкур бо қарори № 11, аз 20-майи соли 2025 ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии таҳқиқи диссертатсионӣ дар доираи шаш мақолаи илм дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишорёфта, 4 мақола дар мақолаҳои дигар нашрияҳои расмии илмӣ ба табъ расида ва маърузаҳои илмӣ дар ҳамоишу конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, шаш зербоб хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Диссертатсия 180 саҳифаи компютерии шакли А4-ро ташкил дода, рӯйхати адабиёт фарогири 196 номгӯйи осори илмӣ, таълимию методӣ ва фарҳангномаҳоро дар бар мегирад.

ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддима муҳиммии мавзуи диссертатсионӣ асоснок гардида, сатҳи омӯзиши мавзуи нақши ниҳодҳои сарҳади давлатӣ дар таъмини амнияти миллӣ баррасӣ гардидааст. Инчунин мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот мушаххас гардида, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, навгонии илмии он, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда нишон дода шуда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, тасвиби натиҷаи кор ва сохтори диссертатсия асоснок карда шудааст**.**

Боби якуми диссертатсия **– «Асосҳои назариявию методологии таҳқиқи ниҳодҳои сарҳади давлатӣ»** аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби якуми ин боб ***«Ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ унсури муҳимтарини сиёсати ҳарбии давлат»*** унвон гардидааст.

Муаллиф дар он асосҳои назариявию методологии ниҳодҳои сарҳади давлатиро ҳамчун ниҳоди таъминкунандаи амнияти миллӣ аз нуқтаи назари таҳлили системавӣ таҳлилу баррасӣ намуда, қайд мекунад, ки ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар кишвари мо ба ҳифзи сохти конститутсионии давлат ва тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба амнияти миллӣ нигаронида шудаанд. Ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар худ сохтори мураккаби дохилие доранд, ки аз дастгоҳи марказӣ ва муассисаҳои гуногун, иттиҳодияҳо, ҷузъу томҳо ва воҳидҳои таркибӣ иборатанд. Азбаски ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ бевостиа ба сарҳад вобастаю пайваста мебошанд ва хамчун унсури муҳимтарини сиёсати ҳарбии давлат ба шумор мераванд мо худи мафхуми «ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ «-ро ҳамчун таърифи илмӣ мавриди таҳқиқ қарор медиҳем. Моҳияти ибораи «ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ» бо маъноҳои вожаи «ниҳод» – қоидаву тартиб; қарору қарордод ва ҷою маҳал алоқаи зич дорад, зеро фаъолияти ин ниҳодҳоро бе риояи тартибу низом, бе қабули қарори саҳеҳ ва бе мавҷудияти макони муайяну объекти муҳофизатӣ тасаввур кардан номумкин аст.

Ба андешаи муаллиф, фаъолияти сохторҳои низомӣ асосан барои мудофиа аз хатару таҳдидҳои дохилию берунӣ нигаронида шудааст, ки онҳо барои самтҳои мухталифи идоракунӣ таъъин гардидаанд. Таҳқиқи мавқеи сохторҳои қудратӣ ҳамчун як такягоҳи асосӣ ва муҳимми давлат дар ҳама давру замонҳо дар маркази диққати муҳаққиқон қарор дошта, гувоҳи категорияи сиёсиву таърихи будани муҳофизати қаламрави мамлакат дар сиёсати давлатдорӣ ба ҳисоб меравад.

Масъалаи мазкур аз назари илмӣ дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ аз ҷониби муҳаққиқони фалсафа, таърихнигорон, олимону аҳли сиёсат дар робита ба шароит ва замони худашон мавриди арзёбӣ ва таҳқиқи ҳарҷониба қарор гирифтааст. Бештарини муаллифон дар осори худ ҳадафи мудофиавӣ ва амниятӣ доштани таъсиси мақомоти қудратиро таъкид кардаанд. Дар гузаштаҳои дуру наздик таҳкими иқтидори ҳарбию мудофиавии мамлакат ҳамчун омили асосии бехатарии кишвар дониста мешуд.

Муаллиф дар зербоби мазкур ба хулосае омадааст, ки таҷрибаи кишварҳои камиқтидор нишон медиҳад, ки онҳо мудом дар зери тазиқу фишори сиёсию низомии кишварҳои муқтадиру тавоно қарор доранд ва пайваста барои дифоъ аз манфиатҳои миллию давлатии худ кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Зеро таҳлили вазъи сиёсию ҳарбӣ дар ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ собит месозад, ки абарқудратҳои олам зӯроварии мусаллаҳонаро ҳамчун воситаи муҳимми таъсиррасонӣ ба кишварҳои хурду заиф истифода намуда, ба ташкили созмону иттиҳодияҳои ҳарбӣ рӯ меоранд.

Вазъи ногувори сиёсӣ-ҳарбии муосир хатарҳои ногаҳонӣ дошта, дар ҳар маврид метавонад ба амнияти кишварҳои тозаистиқлол ва ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатиашон таҳдид намояд. Мураккаб гардидани муносибатҳои иттиҳодҳои ҳарбӣ боз ҳам неруманд гардидани қувваҳои мусаллаҳи давлатҳои пешрафта кишварҳои миллиро муваззаф месозад, ки ба сиёсати ҳарбии хеш ҳамчун ба омили асосӣ назар намуда, сатҳу сифати асосҳои молиявии ин соҳаро боло бардоранд.

Дар зербоби дуюми боби якум диссертатсия ***«Таҳлили вазифавӣ ва меъёрии ҳуқуқии доктринаҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ»*** таҳлилу омӯзиши хусусиятҳои ҳуқуқии доктринаҳои ҳифзи сарҳади давлатиро дар бар мегирад.

Муаллиф қайд менамояд, ки онҳо бояд хусусиятҳои стратегӣ дошта бошанд, чунин санадҳо дар тамоми мамлакатҳо вуҷуд доранд.

Масалан, дар Иёлоти муттаҳида «Қонун дар бораи амнияти миллӣ» (1974) қабул гардид, ки дар заминаи он президенти мамлакат ҳама сол ба Конгресс роҷеъ ба «Стратегияи амнияти миллии ИМА» ҳисоботи муфассал пешниҳод менамояд.

Давлатҳои мустақил дар татбиқи сиёсати дохилию берунии худ ҳуҷҷатҳои муҳиммеро, амсоли доктрина, консепсия ва стратегияи амнияти миллӣ ва амнияти ҳарӣ ба тасвиб расонида, амалӣ месозанд. Дар Тоҷикистон сараввал, «Консепсияи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2003), сониян, «Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон»(2005) ва солҳои баъдӣ стратегияҳои давлатӣ, хусусан «Стратегияи мубориза бо терроризм ва экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардидаанд.

Чӣ тавре ки аз натиҷаи мушоҳидаҳо собит мегардад, стратегияи ҳарбӣ тавассути мақсадгузориҳо мушаххас гардонида мешавад, ки дар онҳо ҳам қувваҳои низомӣ ва ҳам шароиту имкониятҳои давлат барои расидан ба мақсадҳои ниҳоии ҳарбӣ равона карда шудааст. Дуруст муайян намудани мақсадҳои стратегии пешбурди амалиёти ҷангӣ ва вазифаҳои алоҳидаи он барои мушаххас намудани мақоми иштирокдорони он дар рафти татбиқи нақша ва гузаронидани амалиётҳо нақши муҳим мебозад.

Таҳлили вазифавӣ ва меъёрии ҳуқуқии доктринаҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ нишон медиҳад, ки фурупошии Иттиҳоди Шуравӣ барои ташкил шудани як қатор давлатҳои мустақил боис гардид, ки онҳо таълимотҳои нави худро дар сохторҳои қудратӣ аз ҷумла дар ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ таҷдиди назар намуда. онҳоро ба манфиатҳои миллии хеш мутобиқ намоянд. Масалан, дар Тоҷикистон гурӯҳе бо роҳбаладии ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ барои соҳиб шудан ба ҳокимияти давлатӣ муборизаи мусаллаҳонаро аз соҳибистиқлолӣ афзалтар донистанд. Гурӯҳи дигари сиёсатбозон аз бенизомию беҳокимиятӣ истифода бурда, аҳдофи муғризонаи сиёсии худро амалӣ кардан мехостанд. Одамоне, ки марказгурезонро ҷонибдорӣ менамуданд, аз қасду ниятҳои сиёсии аслии онҳо воқиф набуданд ва гумон доштанд, ки гӯё онҳо, ҳақиқатан ҳам, баҳри таъсиси давлати тозаистиқлолу демократӣ саъю талош доранд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, Сарвари давлати тоҷикон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ғояи баланди руҳияи миллӣ дар назди ҷомеаи Тоҷикистон вазифаҳои муҳимму мураккаберо мегузорад, ки вобаста ба нигоҳдории давлати соҳибистиқлол ва марзу буми он мебошад.

Дар нимаи аввали солҳои 90-уми қарни вопас (XX) вазъи ҳассосу ноустувор дар тамоми ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС ҳукмфармо буд, хусусан авзои дохилии Тоҷикистон, бино ба идома доштани ҷанги шаҳрвандӣ дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон ҳамоно нотинҷу муташанниҷ боқӣ монда буд. Ягона такягоҳи давлати тозаистиқлол ва таъминкунандаи сулҳу субот дар чунин шароити мураккаб, бешубҳа, қувваҳои мусаллаҳи навтаъсиси Тоҷикистон, ба хусус неруҳои марзбонӣ, ки дар авангарди муқовимат бо дастаҳои ҷиноятпеша қарор доштанд, ба шумор мерафтанд. Қобили тазаккур аст, ки онҳо аз уҳдаи иҷрои вазифаи пуршарафу масъулиятноки худ ба хубӣ баромада, ба боварии роҳбарияти сиёсӣ ва халқ сазовор гаштанд. Зикр кардан бамаврид аст, ки ташкил кардану мусаллаҳ сохтан ва дар ҳолати омодагии доимӣ нигоҳ доштани қӯшунҳои сарҳадӣ дар муддати кӯтоҳи замони тозаистиқлолӣ кори саҳл набуд, вале давра ба давра бо сайъу кӯшиши бевоситаи Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқтидори ниҳодоти марзбонӣ, малакаву маҳорати ҳайати шахсии он пайваста такомул меёфт ва ниҳоят, дар як марҳалаи хеле кӯтоҳ ин ниҳодҳо дар бобати дифои марзу қаламрави мамлакат мақом ва нуфузи баланд пайдо намуданд. Ноил гардидан ба чунин пешравӣ кори саҳлу осон набуд. [140, с. 95-105].

Дар ин миён, шаъну шараф ва обрӯю нуфузии ҷузъу томҳои Қӯшунҳои сарҳадии мамлакатамон боло рафт, ба хусус ба рушди тамоми сохторҳои низомӣ ва қудратӣ, фаъолияти муштараки онҳо бо марзбонон таваҷҷуҳи бештаре равона гардид. Бо мақсади адои вазифаҳои хидматӣ барои марзбонон ва будубоши онҳо тадриҷан шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда шуда, ба ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва таҳкими заминаи моддию техникии сарҳад таваҷҷуҳи бештар равона гардид. Ҷасорат ва корнамоиҳои ҳайати шахсию кадрии қушунҳои сарҳадӣ аз ҷониби давлат мунтазам қадр карда мешавад.

Истисно аз ин фаъолияти Қушунҳои сарҳадӣ, тақвият ва таҳкими заминаи кофии моддию техникӣ ва бо воситаҳои низомии муосир таҷҳизонидани онҳо, дастгирии ҳамаҷонибаи ёфтан, инчунин аз мавҷудияти кадрҳои баландихтисоси ҳарбии ватандӯсту фидокор ва таълиму тарбиядида ҳам вобастагӣ дорад [129, с.107-112]. Бо ин мақсад ҷиҳати таълиму тарбияи хизматчиёни ҳарбии сарҳадӣ ва омода намудани афсарони боистеъдоду лаёқатманд дар назди Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон 11-уми июни соли 2001 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №256 дар заминаи курсҳои кӯтоҳмуддат Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатии назди

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Омӯзишгоҳи олии сарҳадӣ дар ноҳияи Ҳисор ташкил карда шуд ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми марти соли 2007, таҳти №123/5 Омӯзишгоҳи олии сарҳадӣ номгузорӣ шуд.

31-уми марти соли 2016 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №128-5 аз Омӯзишгоҳи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ба Донишкадаи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфт. Дар ин таълимгоҳ ҷавонони зиёде таҳсил намуда, ба малакаву маҳорат ва қобилияту салоҳиятҳои касбӣ соҳиб гардида, пас аз хатми он дар минтақаҳои гуногуни марзбонии кишвар бо шарафона иҷрои вазифаҳо доранд. Бояд афзуд, ки ба масъалаи тайёр намудани хизматчиёни сарҳадӣ, такмилу рушди касбияти онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии мамолики хориҷӣ низ эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Бештар аз ҳазор нафар дар айни замон, дар таълимгоҳҳои кишварҳои хориҷӣ ба омӯзиш фаро гирифта шудаанд.

Дар дохили мамлакатамон бо мақсади сайқал додани маҳорати касбӣ дар назди Донишкадаи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон курсҳои такмили тахассуси низомиён таъсис дода шуд. Дар назди ин курсҳо ба омӯхтани забонҳои хориҷӣ диққати махсус дода мешуд. Дар шароити кунунии ноустувори авзои сиёсии ҷаҳон хадамоти марзбононӣ ягона сохторе мебошад, ки амнияти давлат ва осудагии мардумро ба таври шабонарӯзӣ таъмин ва пуштибонӣ намуда, дар ин самт фаъолияти сохтору ниҳодҳои марзбонӣ, ҷузъу томҳои сарҳадиро бо дигар ниҳоду хадамоти низомӣ дар сатҳи баланди касбию ҳамкориҳои муштарак муттаҳид ва роҳандозӣ намудааст.

Ҳамин тариқ, фаъолияти қушунҳои сарҳадӣ ва дигар сохтору мақомоти ба он дар доираи талаботи асноди меъёри ҳуқуқӣ ва доктринаҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дида баромада шудааст. Ба вижа, доир ба муҳиммии қабули қонуну низомномаҳо, стратегия, консепсия ва доктринаҳо доир ба фаъолияти қушунҳои сарҳадӣ дар шароити истиқлоли давлатӣ, зарурати гузаронидани ислоҳоти ҳарбӣ пешниҳод ва изҳори андеша карда шуд.

Боби дуюми диссертатсия «**Ҳолат ва мушкилоти ҳифзи сарҳади давлатӣ ва таъмини амнияти миллӣ дар шароити муосир**» номгузорӣ шудааст.

Дар зербоби якуми боби мазкур ***«Заминаҳои асосии пайдоиш ва ташаккули ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ»*** муаллиф қайд

менамояд, ки заминаҳои пайдоиш ва ташаккули ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ аз замони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ сарчашма мегиранд, ки тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистонро неруҳои Шуравӣ таҳти назорат доштанд. Замони соҳибистиқлолӣ дар ин ҷода марҳилаи наве ба шумор мерафт, ки мо бояд сарҳади давлатии хешро худамон ҳифз мекардем. Сари ин масъала баҳсҳо тулонӣ ва мушкил мегузаштанд. Аммо иродаи оҳанини Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарим Эмомалӣ Рахмон ба он оварда расонид, ки супориани хати сарҳад аз ҷониби Россия як сол аз моҳи июни соли 2003 то моҳи июни 2004 давом кард.

Ба ақидаи муаллиф афсарону сарбозони ин қушунҳо оҳиста-оҳиста ба малакаву қобилият ва салоҳиятҳои касбии ҳарбӣ соҳиб мешуданд, масалан, вазъи нооромии сарҳади давлатӣ ҳар чӣ зудтар роҳандозӣ намудани тадобири фавриро ҷиҳати мустаҳкам намудани марз тақозо менамуд. Бинобар ин, бо қарори Президиуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 28 декабри 1992) Раёсати ҳифзи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати сохтори КДАМ ба тасвиб расид. Ин ду ҳуҷҷати муҳим дар бобати таъсис додани Артиши сарҳадии Тоҷикистон нақши ҳалкунанда доранд. Баъдтар дар заминаи он фармони Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (№ 273, аз 30.05.1994) дар бораи ташкили Қушунҳои сарҳадии Вазорати амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо шуда, 28 май ҳар сол ҳамчун ҷашни касбии марзбонони тоҷик таҷлил карда мешавад.

Сарвари кишвар баҳри пойдории сулҳу ваҳдат, осоиштагии мардум ва нигоҳ доштани якпорчагии сарзамини мамлакат талош варзида, бо роҳбарону қумондонҳои ҷониби мухолиф мулоқот ва гуфтушунидҳои судманд ва диду боздидҳои бисёре баргузор намуда, барои пойдор гардидан сулҳи устувор шароитҳои зарурӣ муҳайё намуд. Ҷангу низоъҳои дохилӣ тадриҷан ҳалли худро ёфта, рӯ ба коҳишёбӣ овард. Дар чунин вазъу ҳолатҳо барои ҳукумати ҷавони ҷумҳурӣ мустаҳкам намудани ҳифзи марзи давлатӣ муҳими бештаре касб менамуд. Такмил додани иқтидору тавоноии қушунҳои сарҳадӣ вазифаи дигари роҳбарияти сиёсӣ ба шумор мерафт. Бинобар ин, аз лиҳози ҳуқуқӣ ба танзим даровардани фаъолияти сарҳадчиён низ масъалаи муҳим арзёбӣ мешуд. Ба тасвиб расидани фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 02.1997) ва қабули қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарҳад» ҷиҳати ҳаллу фасли бисёр нобасомониҳо мусоидат намуд.

Ҳамин тариқ, дар зербоби мазкур муаллиф ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда қайд менамояд, ки фаъолияти муназзами онҳо ҳама гуна шароити моддию техникӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва заминаи мусоиди ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудаанд. Вазифаи ниҳодҳо, хусусан, қушунҳои сарҳадӣ дар шароити соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба таври мушаххас муайян карда шуд, ки он фарогири ҳифзи амнияти дохилӣ ва дифоъ аз таҳдидҳои беруна ба шумор меравад. Заминаҳои асосии пайдоиш ва рушди ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар кори илмӣ ҳамчун зарурати воқеӣ барои ҳифзи марзу буми кишвар ва муқовимат ба хавфу хатар ва таҳдидҳои ғайрианъанавии беруна ба шумор меравад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм – ***«Ташаккули ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон»*** қайд шудааст, ки ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон хеле баланду саривақти ба шумор меравад. Сар задани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, таҳдид, хатар ва шояд бадтарин вазъияте буд, ки таъсири манфии худро ба самтҳои дигари ҷомеаи мо расонида буд, боз ҳам ин масъала, зарурати ҳифзи амнияту таҳкими сиёсати давлатиро ба вуҷуд овард.

Ба андешаи муаллиф дар ин марҳила Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷузъ аз мустаҳкам намудани сиёсати ҳарбӣ ва таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи миллӣ чораи дигар надошт. Аммо дар он вазъи мудҳиш ташкили идораи ҳарбӣ ва Қувваҳои Мусаллаҳ кори хеле сангину мушкил ба ҳисоб мерафт. Илова бар ин, вазъияти ногувори баамаломадаи аз низомиёни кишвар маҳорати хуби таълимию касбии ҳарбиро талаб менамуд. Аз ин рӯ, зарур мешуморем, ки раванди ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро шартан ба марҳалаҳои зерин тақсим намоем:

Марҳалаи якум, аз давраи ташаккули сиёсати ҳарбӣ ва қабули эъломия «Дар бораи соҳибистиқлолӣ»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз мешавад. Зеро дар марҳалаи аввал ё ибтидоӣ корро аз таҳияву тасдиқи асноди меъёрии ҳуқуқӣ сар кардан мантиқан дуруст аст. Ин буд, ки паси ҳам якчанд ҳуҷҷати муҳими юридикие, ки ташкил ва фаъолияти хуби қувваҳои мусаллаҳро ба танзим медароранд, пай дар пай қабул гардиданд. Ба хусус, қабули қонунҳои зерин: «Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1996), «Дар бораи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1997), «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизматӣ» (2000), «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» (2005), «Дар бораи таъсиси Вазорати

мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2006) ва монанди инҳо ба тасвиб расиданд.

Марҳалаи дуюм, ба рушди сиёсати низомию ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо ташкил шудани Қуввaҳои Мусаллаҳи миллӣ (23.02. 1993), ҳалли масъалаҳои таълиму тарбияи мутахассисон, афсарону сарбозон марбут мебошад, мансубият дорад. Таъкид кардан месазад, ки дар давраи мазкур дар Тоҷикистони ҷавон диққати асосӣ ба ташаккулу таҳаввули системаи маорифи ҳарбӣ, ки зимни он таъсис додани муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ ва миёнаи ҳарбию касбӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои ҳарбӣ равона гардидааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки бисёр масъалаҳои нави сарҳадӣ пас аз пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ арзи ҳастӣ карданд. Ҳамин тариқ, таҳдиди куҳнаи амният дорои муҳтавои нав гардид ва дар якҷоягӣ ҷамъи масоили зеринро шомил мегардонад:

1. Тоҷикистон соҳиби сарҳади ниҳоят дарозу тулонӣ аст – қариб якуним ҳазор километр бо Афғонистон, ки дар тули чанд даҳсола дар он ҷо вазъи ноором ҳукмфармо аст.

2. Сарҳадоти Тоҷикистон бо баъзе ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, имрӯз, хусусияти зоҳиран аниқи шиддатнок доранд, ки бо мавҷуд будани ҳудудҳои баҳснок ва масъалаҳои истифодаи оқилонаи об ва захираҳои табиӣ дар ҳудудҳои водии Фарғона, бо мавҷудияти масъалаҳои коммуникатсионӣ дар роҳи ҳамкории асосноки транссарҳадӣ вобастаанд, гарчанде ки баъди иқдоми нави сарварони ду кишвар бисёре аз ин мамониатҳо бардошта шудаанд.

3. Натиҷаҳои мониторинги иҷтимоии ҷомеаи тоҷик аз бисёр ҷиҳатҳо бо саволҳое муайян мегарданд, ки бевосита ва ё бавосита ба масоили сарҳадӣ муносибат доранду бо воридшавии транссарҳадии маводи мухаддир ба марзи ҷумҳурӣ ва дар оянда тақсимшавии он ба манотиқи дигар алоқаманданд, дар ин асос бо пайдо шудани симои манфии аҳолии тоҷикистоние, ки дар ИДМ ба сифати муҳоҷирони меҳнатӣ қарор доранд; инчунин бо вазъи номафҳуми ҳарбӣ-сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар Афғонистони ҳамсоя марбут мебошанд. Мавҷудияти мушкилоти зиёди сиёсӣ дар Афғонистон барои ноором гардидани авзои сарҳади тоҷику афғон боис шуда бошад ҳам, бартараф намудани омилҳои номатлуб дар ҳалли қазияи мазкур тадричан бо роҳи дипломатӣ ва гуфтушуниди ҷонибҳо роҳандозӣ шуда истодааст.

Бояд гуфт, ки мақсади асосии ҳар як давлат таъсис додани артиши миллӣ аз ҷумла (ниҳодҳои махсуси ҳифзи сарҳадӣ давлатӣ) мебошад, ки он иқтидори мудофиавии соҳибистиқлолӣ, якпорчагии Ватан ва оромии

ҳаёти осоиштаро ба зимма дошта бошад. Бинобар ин, артиши миллӣ дар ҳама ҳолатҳо бояд ба ҳадафҳои сиёсӣ ва мудофиавии давлат созгор бошад. Хусусан, дар вазъи нооромии сиёсӣ, ҳолати буҳронӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ, ки эҳтимолии азбайнравии Тоҷикистон ба миён омада буд, таъсис додану пурра намудани воҳидҳои махсуси артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон амри зарурӣ буд.

Шароити сиёсию иқтисодии Тоҷикистон дар он замон барои иҷрои он мутобиқ набуд. Ба андешаи мо яке аз мушкилиҳои ин марҳала, омӯзиш ва таълими ҳарбии низомиён бо дар назардошти воқеияти кишвар буд. Чунки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози ҷуғрофӣ кишвари кӯҳӣ ба ҳисоб рафта, низомиёнро бо дар назардошти ин омил бояд омода мекарданд. Инчунин истифодаи техникаи ҳарбӣ ва хусусан техникае, ки дар шароити кӯҳсор мавриди истифода қарор дода шавад, бояд ба роҳ монда мешуд. Масалан, истифодаи таҷҳизоти вазнин дар минтақаҳои кӯҳӣ кори хеле мушкил аст. Мавқеи ноҳамвор, роҳҳои танг, пулҳои зиёду наҳрҳои кӯҳӣ ба гузаронидани ҳар гуна амалиёти низомӣ мушкилӣ эҷод намуда, ҳаракати қушунҳои пиёдагард ва техникаҳои вазнини ҳарбиро заиф мегардонад.

Дар давраи мудҳиши ҷанги шаҳрвандӣ,ташкилу гузаронидани чунин шаклҳои таълими ҳарбии қуввaҳои мусаллаҳ дар минтақаҳои кӯҳӣ кори осон набуд. Дуруст аст, ки ба эътибор гирифтани ин омилҳо метавонад ба самаранокии таълими ҳарбию фаъолияти Қуввaҳои Мусаллаҳи кишвар ва хароҷоти каммасрафи он дар манотиқи кӯҳии кишварамон таъсир расонад.

Ин марҳаларо зинаи асосии рушди сиёсати ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон номидан мумкин аст. Зеро шароити вазнини сиёсӣ ва нооромиҳои он замон қуввaҳои мусаллаҳи маҳорати баланди касбидоштаро талаб менамуд. Шиддат гирифтани низоъҳои дохилӣ аз Ҳукумати Тоҷикистон зарурати такмили сиёсати ҳарбӣ, таълими замонавии ҳарбӣ, таҳия ва татбиқи сиёсати кадриро дар Қуввaҳои Мусаллаҳ тақозо менамуд. Мақсади асосии сиёсати низомии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин давра баланд бардоштани руҳияи ватандӯстӣ, шуурнокии сиёсӣ, тавсеаи донишҳои назариявию амалӣ ва тайёрии таълимю касбии доимии ҳайати шахсии ниҳодҳои ҳарбии марзбонӣ ташкил медоданд. Дар ин марҳала дар назди сиёсати ҳарбиии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин вазифаҳо гузошта шуда буд.

Ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва ба буҳрони сиёсию иқтисодӣ дар ҳамон замон ба сатҳи поён рафтани Тоҷикистон ба рушди соҳаи ҳарбӣ таъсири манфӣ расонид. Яке аз омилҳои такмилдиҳандаи ин соҳа дар

он вазъият ҳар чӣ зудтар таъсис додани муассисаҳои таълимӣ-ҳарбии хусусияти стратегидошта ва неруманду мусаллаҳ намудани Қуввaҳои Мусаллаҳ ба шумор мерафт.

Таҳлилҳо нишон медиханд, ки Қушунҳои сарҳадӣ ҳамчун як узви бевоситаи ҷомеаи тоҷикон тамоми самти кор фаъолияти худро ҷиҳати иҷрои фармону амр ва дастуру супоришҳои Президенти кишвар равона намуда, аз замони таъсисёбӣ то имрӯз ҳамеша дар марзҳои дохилӣ ва берунии худ бо ҳамтоёнашон робитаҳои зичи дӯстию ҳамкорӣ барқарор кардаанд.

Боби сеюми диссертатсия **«Нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар таъмини амнияти миллӣ»** мебошад, ки он ба таҳлили мақом ва ҷойгоҳи рамзҳои сиёсӣ дар таҳкими давлатдории миллӣ бахшида шудааст.

Дар зербоби якуми боби сеюм ***«Мақоми Қушунҳои сарҳадӣ дар таъмини соҳибихтиёрӣ ва ҳифзи амнияти давлатӣ»*** қайд карда мешавад, ки таъмини амнияти кишвар тавассути қушунҳои сарҳадӣ инҳоянд: қобилияти ҷангӣ доштан ва омода будан барои муқобилият нишон додан ба таҳдидҳое, ки ба манфиатҳои ҳаётан муҳимми кишвар нигаронида шудаанд; муҳиммии бунёди бонизоми таъминоти он дар асоси ҳамкории устувор бо дигар мақомот; муқаррар намудани самтҳои асосии системаи бехатарии сарҳад ва муқовимати он ба таҳдидҳо; пуштибонӣ аз манфиатҳои шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат дар мавзеъҳои сарҳадӣ; таъмини шароитҳои идоракунии давлатӣ дар низоми таъмини бехатарии сарҳад.

Агар ин хусусиятҳоро ба таъсиси Қуввaҳои мусаллаҳ ва Артиши миллии Тоҷикистон татбиқ созем, барои ташкили ин ниҳоди муҳимми давлатӣ базаи моддию техникии киройӣ умуман вуҷуд надоштааст. Маълум мешавад, ки Артиши миллии мо, воқеан, дар ҷойи холӣ бунёд гардидааст. Ин Артиш бо қарори Президиуми Шурои Олии Тоҷикистон аз 18 – декабри соли 1992 таъсис ёфта, Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, ба таври расмӣ фаъолияти худро аз 23-юми феврали соли 1994 оғоз намуд, ки ин рӯз минбаъд чун ҷашни Рӯзи Артиши Миллӣ таъҷлил мегардад. Ба муносибати таъсисёбии ин ниҳод худи ҳамон сол дар пойтахти кишварамон Шаҳри Душанбе бори аввал паради ҳарбӣ баргузор гардид.

Қушунҳои сарҳадӣ ҳамчун як ҷузъи муҳимми қуввaҳои мусаллаҳ се марҳилаи ташаккул ва рушдро аз сар гузаронидааст:

1) даврaҳои ташкилёбӣ ва сохтмони Артиши миллӣ, ки онро марҳилаи ибтидоӣ номидан мумкин аст;

2) сохтори Қуввахои мусаллаҳ мураккаб гардида, дар ҳайати он 3 навъи қушун ва қуввахои мусаллаҳ: хушкигард, зудамал, қуввахои ҳарбию ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ ташаккул дода шуд. Раванди такомул ва рушди анвои қушун ва қуввахои мусаллаҳ идома дорад;

3) баланд бардоштани сатҳи ҷангии афсарону сарбозон – бо ин мақсад муҷҳаззаз намудани қушунҳо бо лавозимот, техника, воситахои электронӣ ва ғайра муҳим маҳсуб меёфт ва ба масъалаи тавсеаи сатҳи касбии ҳайати шахсӣ, пайваста гузаронидани тамринҳои ҳарбӣ дар миқёси дохили ҷумҳурӣ ва дар доираи машқҳои ҳарбии СААД таваҷҷуҳ бештар равона гардида буд.

Яке аз рукнҳои муҳимми фаъолияти самараноки ниҳодҳои ҳарбии сарҳадиро ба эътибор гирифтани принсипи назарияи муҳофизати марзу ҳудуди давлат ташкил медиҳад, ки дар татбиқи он нақши мақомоти давлатӣ калон буда, риоя ва фаъолияти онро доимо зери назорат қарор медиҳад. Дар ин росто нақшаи тадбирҳое таҳия ва амалӣ карда мешаванд, ки ҳадафҳои он барои фароҳам овардани шароиту имкониятҳои мувофиқу мусоид ва барои иҷрои бомуваффақияти вазифаҳо равона гардидаанд. Дар ҳама давру замон масъалаи амният давлат, ҷомеа ва ҳар шахсро ба ташвиш меоварад. Дар ҳазорсолаи сеюм башарият бо чолишҳо ва таҳдидҳои нав рӯ ба рӯ омадааст. Дар остонаи асри XXI низоми тартиботи ҷаҳонӣ ба тағйироти куллии сохторӣ дучор омад. Дар ин давра иқтидори иқтисодӣ ва сиёсии як қатор давлатҳо ва иттиҳодияҳои ҳамгирои онҳо нерӯманд гардиданд. Ба саҳнаи ҳаёти байналхалқӣ сохторҳои фаромиллӣ ворид гардида, боиси ташаннуҷи зиддиятҳо дар байни кишварҳои алоҳида мегарданд. Ана дар чунин замон ва чунин вазъиятҳо барои авҷ гирифтани хавфу таҳдидҳои терроризми байналхалқӣ заминаҳо ба вуҷуд меоянд.

Хусусиятҳои таъмини амнияти кишвар тавассути қушунҳои сарҳадӣ инҳоянд: қобилияти ҷангӣ доштан ва омода будан ҷиҳати муқовимат ба таҳдидҳое, ки манофеи ҳаётан муҳимми кишвари моро зери хатар мегузоранд; зарурати бунёди системанок ва мунтазами таъминоти қушунҳои сарҳадӣ дар заминаи ҳамкориҳои пойдор бо дигар сохторҳо; муайян кардани самтҳои муҳими низоми бехатарии марзи давлатӣ ва муқовимат ба таҳдидҳо; пуштибонӣ аз манфиатҳои шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат дар мавзеъҳои сарҳадӣ; таъмини шароитҳои идоракунии давлатӣ дар низоми таъмини бехатарии сарҳад.

Агар ин хусусиятҳоро ба таъсиси Қуввахои мусаллаҳ ва Артиши миллии Тоҷикистон татбиқ созем, барои ташкили ин ниҳоди

муҳими давлатӣ базаи моддию техникии кироӣ умуман вуҷуд надоштааст. Маълум мешавад, ки Артиши миллии мо, воқеан, дар ҷойи холӣ бунёд гардидааст. Ин Артиш бо қарори Президиуми Шурои Олии Тоҷикистон аз 18-уми декабри соли 1992 таъсис ёфтааааст. Азбаски Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон расман ба фаъолияти худ аз 23-юми феврали соли 1994 оғоз намуданд, ин рӯз минбаъд чун ҷашни таъсисёбии Артиши Миллӣ таҷлил мегардад. Ба муносибати таъсисёбии ин ниҳод худи ҳамон сол дар пойдахти кишварамон ш. Душанбе бори аввал паради ҳарбӣ баргузор гардид.

Қушунҳои сарҳадӣ ҳамчун як ҷузъи муҳимми қувваҳои мусаллаҳ се марҳилаи ташаккул ва рушдро аз сар гузаронидааст:

Афсарону сарбозони қушунҳои сарҳадӣ ва умуман Қувваҳои мусаллаҳ тамоми донишҳои омӯхтаву малакаҳои ҳарбии ҳосилкардаро бе таҷрибаи амалӣ якбора дар амалиётҳои низомӣ татбиқ карда наметавонанд. Онҳо дар рафти муҳорибаҳо чусту чолокӣ, ҳушёрию зиракӣ ва далерию матонат нишон дода метавонанд, ба шарте ки дар машқу тамринҳои зиёд – кор бо нақшаи маҳал, мавқеи дурустро интихоб кардан, тирпаронӣ бо истифода аз навъҳои гуногуни силоҳ, идора намудани воситаҳои техникӣ, бечуну чаро иҷро кардани супориши фармондеҳон ва амсоли инҳо обутоб ёфта бошанд.

Қушунҳои сарҳадӣ аз давраи оғози фаъолияти худ то ин замон дар ҳайати хед теъдоди зарурии аскарону афсароне соҳибтаҷрибаро, ки аз уҳдаи истифодаи силоҳҳои ҷангии муосир, техника ва дигар воситаҳои ҳарбӣ ба хубӣ мебароянд, муттаҳид намудааст. Мутахассисони бомаҳорати нишонзан, минаҷӯ, тирандоз, ҳавонавард, механик-ронандаи мошинҳои сабук ва вазнини ҷангӣ ва дигар тахассусҳои барои Артиши миллии Тоҷикистон муҳиманд, пайваста тайёр менамояд, ки онҳо ба сифати қувваҳои захиравӣ ба қайд гирифта мешаванд ва бо даъвати Комиссариатҳои ҳарбӣ мунтазам дар машқҳои ҳарбӣ ширкат меварзанд.

Ҳамин тариқ, дар замони нав таҳдидҳои куҳна ба мазмуну муҳтавои нав соҳиб гардида, ба амнияти кишвар ва минтақа таъсиргузор мебошанд ва дар маҷмуъ ҳалли масъалаҳои зеринро дар бар мегиранд. Аз назари муалиф минтақаи сарҳадии Тоҷикистон бо кишварҳои ҳаммарз ниҳоят тӯлонӣ буда, он фақат бо Афғонистон, Ҷумҳурии Халқии Хитой, марзҳои умумӣ бо баъзе аз ҷумҳуриҳои пасошуравӣ, мавҷудияти ҳудудҳои баҳснок ва масъалаҳои истифодаи оқилонаи об ва захираҳои табиӣ дар ҳудудҳои водии Фарғона, вуҷуд доштани проблемаҳои коммуникатсионӣ ва роҳҳо тавассути ҳамкории

асосноки фаромарзӣ ҳалли худро ёфта метавонанд, хусусан масъалаҳои сарҳадӣ, ки моҳи марти соли 2025 пурра ҳалли худро ёфт, ки аз ҷониби муаллиф бештар мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар зербоби дуюми боби сеюм ***«Дурнамои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар муҳити муборизаҳо ва барҳӯрдҳои нави геосиёсӣ»*** муаллиф қайд кардааст, ки Вазъи геополитикии ҷаҳони муосир ва тезу тунд гардидани барҳӯрдҳои замони нав, барои ҳар як кишвари соҳибистиқлол хавфу хатар ва таҳдидҳои мухталиферо ба миён меоранд, ки онҳо боиси сар задани мухолифату низоъҳо дар байни кишварҳои гуногун, вайрон кардани хати сарҳад ва даъвоҳои гуногуни миллию таърихӣ мегарданд. Дар миёни инҳо масъалаи ҳифзи сарҳади давлатӣ дар муҳити муборизаҳои нави геополитикӣ ҷойгоҳи махсус дорад. Аз ҳар ҷиҳат дастгирӣ ёфтани фаъолияти бенуқсони ниҳодҳои сарҳадӣ яке аз усулҳои назариявии ҳифзи марзу буми давлатӣ маҳсуб меёбад. Риоя ва татбиқи он аз омода намудан ва иҷрои тадбирҳое вобаста мебошад, ки ба ташкили шароити мусоид амалиёти муваффақонаи вазифаю масъалаҳои ҳалталаб нигаронида шудаанд.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар муддати сад соли охир ягон усули ҳифзи сарҳади давлатӣ ба ин қадар тағйироту таҳаввулоти печидае, ба мисли усули амният дучор наомадааст. Пеш аз Ҷанги якуми ҷаҳонӣ бештар самтҳои фаъолияти иктишофӣ, амнияти ҳарбӣ, комуфляж ва логистика дастгирии нисбӣ дошта, самтҳои дигар маҳдуд буданд.

Дар заминаи шартҳо ва омилҳои зикршуда вазифаҳои хадамоти сарҳадӣ дар таъмин кардани ҳифзи сарҳади давлатӣ муайян карда мешаванд. Низоми амният иҷрои вазифаҳои муҳими зеринро тақозо менамояд:

– дарёфти маълумотҳо доир ба мавҷудияти гурӯҳҳои ҳарбӣ ва ташкилотҳои террористӣ дар қаламрави мамлакатамон ва рафъи муқовимати ин қабил гурӯҳу иттиҳодияҳо;

– пешгирӣ ва роҳ надодан ба дасисаву иғвогариҳои мусаллаҳона ва дигар шаклҳои бетартибӣ дар марзҳо, навоҳии наздисарҳадӣ ва дар гузаргоҳҳои сарҳади давлатӣ;

– роҳ надодан ба амалҳои таҷовузкорӣ, ғоратгарӣ ва ҷиноятие, ки нисбат ба мардуми минтақаҳои наздисарҳадӣ, моликияти давлатӣ ва хусусии шаҳрвандон аз тарафи дастаҳои мусаллаҳи экстемистию террористӣ роҳандозӣ мешаванд;

– пешгирӣ ва бартараф намудани ҳодисаҳои вайрон кардани низоми сарҳади давлатӣ, тахриби фаъолияти гузаргоҳҳои расмии сарҳадӣ

ва роҳ ёфтани одамони бегонаву ғаразнок ба минтақаҳои мамнуъи иқтисодӣ бо мақсади интиқоли моддаҳои тарканда, заҳрнок, радиоактивӣ, маводи нашъадор, силоҳу лавозимоти ҷангӣ ва ашёи дигар, ки боиси ташаннуҷи сиёсӣ дар байни давлатҳои ҳамҷавор мегарданд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи ҳифзи сарҳади давлатӣ ва дурнамои фаъолияти он дар муҳити муборизаҳо ва бархӯрдҳои нави геополитикӣ нишон медиҳад, ки ҳифзи марзу бум яке аз муқаддастарин вазифаи давлату ҳукумат ва шаҳрвандони кишвар мебошад. Аз ин ру**,** фаъолияти якҷояву муташаккилонаи ниҳодҳои сарҳадӣ бо дигар мақомоти давлатӣ дар такя бо ҷомеаи шаҳрвандии дорои тафаккури сиёсии рушдёфта кафолати амнияти миллӣ маҳсуб меёбад. Ҷиҳати муътадил намудани идоракунии ниҳодҳои сарҳадӣ дар ҳайати он ҷузъу томҳо ва хадамоту шуъбаҳои махсус таъсис дода шудааст, ки ҳар кадом барои иҷрои мақсаду вазифаҳои ҷудогона сафарбар гардидаанд. Барои муваффақ шудан ба натиҷаи дилхоҳ таъмини робитаю ҳамкории ин сохтору зерсохторҳо муҳим мебошад.

ХУЛОСА

Таҳлилу таҳқиқи масъалаи нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар таъмини амнияти миллӣ дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки мақомоти сарҳадӣ, ғайр аз тартиби иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда, мутобиқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии муштараки Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарияти мақомоти сарҳадӣ муайян мекунанд. Иҷрои чунин вазифаҳоро қушунҳои сарҳадӣ дар бобати роҳандозии сиёсати давлатӣ дар самти марзу бум таъмин мекунанд. Ба хусус: муайян ва ошкор кардани нақшаи душман то ҳолати вайрон намудани хати марз, ҳамлаи мусаллаҳона алайҳи вайронкунандагони сарҳади давлатӣ, зарбаи ҷавобӣ задан ба амалҳои таҷовузкорона; аз ҷиҳати стратегӣ ва оперативӣ дуруст ҷойгир намудани қувваҳо, воситаву техникаи ҷангӣ, сатҳи баланди тайёрии ҷангӣ ва амсоли инҳо, ки дар натиҷаи пажуҳиши ба анҷомрасида дар шакли хулосаҳои зайл манзур мегарданд:

1. Новобаста аз шароитҳои сиёсӣ, то даме ки омилҳои хавфноки дохилию берунӣ ба мавҷудияти давлат таҳдид мекунанд, мавҷудияти ниҳодҳои ҳифзи давлатӣ зарурат ва эҳтиёҷ ҷой дорад, зеро онҳо барои таъмини бехатарии давлат, қаламрав ва марзу буми мамлакат равона карда мешаванд.

2. Барои дар амал татбиқ намудани фаъолияти бенуқсони ҳифзи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кори он бояд дар асоси

риояи талаботи асноди меъёрии ҳуқуқии соҳа – қонунҳо, низомномаҳо ва консепсияву доктринаҳои марбут бо ҳифзи сарҳади давлатӣ ба роҳ монда шавад. Дар ҷумҳурӣ вобаста ба масъалаи мавриди таҳқиқ низомномаву қонунҳо ва доктринаҳои дахлдор қабул гардида, иҷрои онҳо аз ҷониби роҳбарияти ҷумҳурӣ ва сохторҳои қудратии давлатӣ пайгирӣ шуда истодааст.

3. Таҳқиқоти мазкур нишон медиҳад, ки ҳифзи марзу буми кишвар кори бошарафонаи ниҳодҳои ҳарбию амниятии давлатӣ ба ҳисоб рафта, тавассути қушунҳои сарҳадӣ, ки дар минтақаҳои сарҳадию наздисарҳадӣ ҷойгир шудаанд, роҳандозӣ карда мешавад. Ин масъулият дар ҷомеаи шаҳрвандӣ вазифаи умумиҷамъиятӣ низ маҳсуб меёбад ва ҳамкорию дастгирии аҳли ҷомеаро бо мақомоти давлатии сарҳадӣ дар шароити мураккаб гардидани авзои сиёсии ҷаҳон, дар самти пешгирӣ аз зуҳуроти экстремистию террористӣ, қочоқи маводи мухаддир ва яроқу аслиҳа, бархӯрди манфиатҳои сиёсию иқтисодии кишварҳои абарқудрат ва ғайра тақозо менамояд.

4. Дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта дар натиҷаи барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ Тоҷикистон баробари дигар ҷумҳуриҳои узви иттифоқ соҳибистиқлол гардид. Чунин озодии сиёсӣ барои бисёр ҷумҳуриҳо ба осонӣ ба даст омада бошад, барои Тоҷикистони тозаистиқлол он хеле гарон афтодааст. Зиддиятҳои дохилӣ боиси сар задани ҷанги шаҳрвандӣ шуда, ба сари мардуми тоҷик оқибатҳои фалокатбор овард. Дар чунин шароит барои бартараф кардани хавфу таҳдидҳои мавҷуда давлати навакак таъсис ёфта, ба зудӣ сохторҳои қудратии худ, вазорату мақомоти дахлдореро, ки амнияти кишварро таъмин карда тавонад, таъсис дода шуд.

6. Дар сурати роҳандозӣ намудани тадбирҳои санҷидашуда дар самти идоракунии ниҳодҳо, таъмини фаъолияти бенуқсони мақомоти фармондеҳӣ, дар сатҳи баланд ва дар шароити махфию пинҳонӣ ташкил кардани амалиётҳои ҳарбӣ ва оперативӣ вазъи сарҳад ва ҳифзи он муътадил сурат мегирад. Татбиқи чунин тадбирҳо ба афзоиши нақши ниҳодҳои таъмини амният дар сарҳади давлатӣ, манфиатҳои сиёсию иқтисодӣ ва низомии давлатӣ, хусусан, дар ташкил ва баргузории шаклҳои гуногуни амалиёти оперативӣ ва ҳарбӣ мусоидат менамояд.

7. Системаи донишҳо дар бораи назарияи намудҳои дастгирӣ асосан дар асоси умумисозии таҷриба ташаккул ёфта, дар зинаҳои муайяни инкишофёбӣ чунин умумиятҳо ба хусусияти тавсиявию амалӣ молик гардида, бо мурури вақт ба сифати принсип эътироф меёбанд. Назарияи амният дар заминаи таҳқиқот ва таҷрибаи ҳосил

намудаи давлатҳо, рушди ақидаҳо дар атрофи мавзуъҳои назарияи намудҳои амният такомул ёфта, моҳияти мафҳуму истилоҳҳо, категорияҳои соҳа, принсипҳои амният, ҳамкорю муносибати пайвастаи байни онҳо дар шароитҳои гуногун равшан мегарданд.

8. Боиси таассуф аст, ки шаклҳои мухталифи дастгирии фаъолияти оперативӣ ва хизматии сохторҳои сарҳадӣ ҳамчун категорияи илми сиёсатшиносӣ то ҳол ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст. Дар натиҷаи рушди фаъолияти оперативӣ мундариҷа ва мазмуни вазифаҳои намудҳои нави таъминоти оперативӣ дигаргун гашта такомул меёбанд, ҳифзи сарҳади давлатӣ бошад, дар ҷодаи муваффақ гардидан ба натиҷаҳои ниҳоии босамар муҳимияти нав ба нав касб мекунад.

9. Тағйирёбанда будани шароит ва вазъият дар замони муосир дар назди назарияи таъмини амният вазифаҳои пурмасъулро ба миён гузошта, омӯзишу тадқиқи масъалаҳои марбут ба он бояд ҳам дар сатҳи мақомоти сарҳадӣ ва ҳам дар фазои сарҳадии соҳа бояд ба таври амиқ сурат гирад. Аз ин лиҳоз, дар натиҷаи таҳлилу ташхиси масъалаҳои марбут ба мавзуи тадқиқ ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

10. Мафҳуми ниҳодҳои сарҳадӣ ва истилоҳоти марбут ба самтҳои фаъолияти он дар асоси заминаи мавҷудаи меъёрии ҳуқуқӣ тавзеҳ ёфта, мақсаду вазифаҳои он дар бобати таъмини фаъолияти қушунҳои сарҳадӣ ҳамчун як низоми тадбирҳо махсусе фаҳмида мешаванд, ки онҳо баҳри тайёрии ҳарбии қуввaҳои мусаллаҳ, воситаҳои ҷангӣ ва техникаи ҳарбӣ, ташкили шароити мусоид ҷиҳати ҳифзи сарҳади давлатӣ ва муҳофизати қаламрави мамлакат ҳимояи манфиатҳои миллию сиёсии давлат равона гардидаанд. Дифои Сарҳади давлатӣ як ҷузъи ҷудонопазири низоми бехатарии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Ҳадафҳои он пиёда сохтани як силсила кору тадорукоти сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ, оперативӣ, ташкилӣ, техникӣ, санитарию эпидемиологӣ ва ғайра мебошад, ки ҷомеаи шаҳрвандиро аз таҳдиду хатарҳои дохилию хориҷӣ эмин нигоҳ доштан аст. Ҳимояи марзу бум ва якпорчагии қаламрави давлат зарурати ногузир ба тасвиб расонидани асосҳои консептуалии ҳифзи сарҳади давлатиро дар низоми умумии амниятӣ ба миён меорад.

11. Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун категорияи давлатӣ-ҳуқуқӣ, ки ҳудуди тақсимоти соҳибихтиёрии давлатӣ ва қаламрави Тоҷикистонро муайян мекунад, инчунин тамомияти давлатиро пешакӣ муайян мекунад, дар ҳаёти давлат ва ҷомеа нақши

муҳим мебозад. Тезутунд гардидани авзои сиёсии ҷаҳон ба таври ногузир зарурати такмил додани танзими ҳуқуқии идоракунии давлатиро дар соҳаи амнияти миллию давлатӣ ва таъмини бехатарии сарҳадии давлат тақозо менамояд, ки он яке аз самтҳои муҳимтарини стратегияи сиёсати ҳарбии давлатиро ташкил мекунад.

12. Сохторҳои қудратӣ, ки дар ҳайати вазоратҳо, комитетҳои давлатӣ ва дигар мақомоти давлатӣ таъсис дода шудаанд, хадамот маҳсуб меёбанд. Онҳо аз ҷониби давлат ба таври махсус таъсис дода мешаванд ва дастгирӣ меёбанд. Фаъолияти онҳо ба ҳифзи сохти конститутсионии давлатӣ ва тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бартараф намудани таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ, пуштибонӣ аз риояи қонунҳо ва тартиботи ҷамъиятӣ дар мамлакат ва таъмини амнияти миллӣ равона гардидааст. Чун қоида, ин ниҳодҳо сохтори мураккаби дохилӣ доранд, ки аз дастгоҳи марказӣ ва муассисаҳои гуногун, иттиҳодияҳо, воҳидҳо иборатанд.

13. Вазифаи асосии сохторҳои қудратӣ бартараф намудани амалҳои забту таҷовузкоронаи зидди Тоҷикистон, дифои мусаллаҳонаи якпорчагӣ ва дахлнопазирии сарзамини мамлакат, дар асоси талаботи аҳдномаҳои байналмилалии батасвибрасонида Тоҷикистон вазифаҳои худро иҷро намояд. Бо дарназардошти қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи сарҳади давлатӣ масъалаи такмил додани механизмҳои таъминоти ҳуқуқии сиёсати ҳарбӣ ва таъмини амнияти кишвар мубрамии бештаре касб намуда, ҷиҳати муборизаи беамон бо терроризм, экстремизм, ҷиноятҳои муташаккил, қочоқи маводи мухаддир ва дигар таҳдидҳои амниятӣ бояд ҳамоҳангсозӣ бошад.

14. Дар марҳалаи кунунӣ амнияти сарҳад яке аз ҷузъҳои муҳим ва мубрами амнияти миллӣ ба шумор меравад. Ин ба рушди босуръати вазъи сиёсиву иқтисодии ҷаҳон, вуҷуд доштани хавфу таҳдидҳои дохилию берунӣ вобаста мебошад. Дар айни замон, вазъ дар сарҳадҳои беруна мураккаб буда, назорати доимӣ ва вокуниши фаврӣ ба тағирёбии онро тақозо мекунад. Ин фаъолиятро дар замони истиқлолияти давлатӣ қушунҳои сарҳадӣ иҷро намудандаистода ҷавобгарии давлатиро дурусту дарк менамоянд.

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ

1. Дар замони дигаргуниҳои ҷомеа муосир таҳдиду хатарҳои нав хеле зиёд гардида, сулҳу суботро дар минтақаҳои ҷудогонаи олам халалдор сохтаистодааст. Минтақаи Осиёи Марказӣ бошад яке аз

ҳвзаҳои осебпазири ба амал омадани шиддати иҷтимоию сиёсӣ ва бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ мебошад. Кишварҳои ин минтақа аз ҷумла, Тоҷикистон дар алоҳидагӣ пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ аз низоми сиёсии тоталитарӣ ба татбиқи сиёсати демократӣ гузашта, дар давраи гузариш ва дар раванди демократикунонӣ қарор дорад. Дар ин марҳилаи ҳассос дар дохили ҷомеа масъалаҳои ҳалталабе ҷой доранд, ки бо ислоҳоти пайдарпайи соҳавӣ ҳаллу фасл мегарданд. Дар ин шароит, масъалаҳои ҷойдошта осебпазирӣ бояд дар асоси муколамаҳои сиёсию дипломатӣ ҳали худро ёбанд.

2. Қабул намудани барномаи давлатии гузаронидани ислоҳот дар низоми Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2033 амалӣ хеле зарур ва саривақтӣ ба шумор меравад. Дар барномаи мазкур мақсаду вазифаҳо, меъёрҳо ва самтҳои сохтмони ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти вазъи геополитикии замони муосир бояд таҳия карда шавад. Низоъҳои мусаллаҳонаи асри XXI ва тағйирёбии хусусияти ҷангҳо модернизатсияи Қувваҳои Мусаллаҳи миллиро тақозо менамояд. Дар барномаи мазкур ба масъалаи ҳифзи сарҳадоти давлатӣ ва таъмини суботи сиёсии ҷомеа бояд диққати аввалиндараҷа дода мешавад. Яке аз вазифаҳои асосие, ки бо ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳрии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон дар масъалаи ҳалли масоили сарҳади давлатӣ рохи ҳалли худро ёфт, тақвияти иҷрои барномаи давлатӣ мебошад.

3. Дар заминаи мактабҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи омода намудани мутахассисони касбии соҳаи ҳарбӣ бояд таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шавад. Махсусан, вақти он расидааст, ки ба ташкили кибертартиш ва омода намудани рӯзноманигорони ҳарбӣ-стратегӣ оғоз бахшида шавад. Зеро дар шароити имрӯза ҳар як низои сиёсӣ бо ҷангҳои иттилоотӣ омезиш пайдо намуда, ба манфиатҳои миллии ҷонибҳои таъсиргузорӣ намуда истодаанд.

4. Дар заминаи мактабҳои олии ҳарбию сарҳадӣ бояд марказҳои илмию таҳқиқотӣ ташкил карда шавад. Сатҳи сиёсӣ ва касбии кадрҳои илмии муассисаҳои таълимии соҳаи ҳарбӣ бояд баланд бардошта шавад, то ки онҳо тавонанд ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори ҳарбии кишвар роҳу усулҳои мувофиқро саривақт муайян ва пешниҳод созанд.

5. Ба таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавонон диққати бештар додан лозим мебошад. Махсусан, тарбияи онҳо дар руҳияи ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ аҳаммияти зиёди стратегӣ дорад. Дар ин самт

бояд дастгоҳи идеологии давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ сафарбар гарданд. Зеро ҷангҳои иттилоотию идеологӣ тули солҳои охир ба ҷавоно таъсири манфӣ расонида истодааст. Махсусан, таъсири идеологияи экстремизм ва терроризм дар руҳияи ҷомеа, бахусус ба афкори афсарону аскарон метавонанд таъсири нодуруст расонанд. Бо дарназардошти ин омил дар қисмҳои низомӣ ва дигар ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ вобаста ба таъмини амнияти миллӣ бояд корҳои тарбиявию ташвиқотии идеологӣ пурзӯр карда шавад.

6. Натиҷаи таҳқиқоти нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ барои такмил додани бобу фаслҳои дахлдори барномаи таълимии курсҳои махсуси Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатӣ ва китобҳои дарсии марбут ба илмҳои сиёсӣ мавриди истифода қарор дод шавад., Дар доираи мазмун ва мундариҷаи диссертатсияи мазкур дар МТОК-ҳои равияи ҳарбӣ, хусусан, ҳарбии бехатарии сарҳади давлатӣ семинару курсҳои махсус ташкил кардан мумкин аст. Моҳият ва муҳтавои асосии диссертатсияи мазкур, барои омӯзгорони фанни сиёсатшиносии ҳарбӣ, мутахассисон ва донишҷӯёни МТОК-ҳои ҳарбӣ ва ҳарбии сарҳадӣ метавонад чун дастурамали хизматӣ хизмат намояд.

ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

I. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Исроилов, И.И. Заминаҳои сиёсии таърихии таъсисёбии Қушунҳои сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.И. Исроилов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2021. – № 3-4 (3-4). – С. 194-197.

[2-М]. Исроилов, И.И. Сабаб ва омилҳои хиёнат ба мардуми Афғонистон ва ғасби ҳокимият аз тарафи Толибон [Матн] / И.И. Исроилов, И.И. Исроилов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2022. – № 2 (6). – С. 56-60.

[3-М]. Исроилов, И.И. Масъалаҳои муосири муҳоҷирати меҳнатӣ дар Тоҷикистон, омил ва сабабҳои он / И.Н. Исроилов, И. И. Исроилов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2022. № 4 (8). – С. 101-105.

[4-М]. Исроилов, И.И. Нақши қушунҳои сарҳадӣ дар ҳифзи марзи Ҷумҳурии Тоҷикистон / И.И. Исроилов, А. Ибодуллозода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2022. – № 1 (96). – С. 275-278.

[5-М]. Исроилзода, И.И. Ташаккул ва рушди сиёсати сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон / И.И. Исроилзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – № 12. – С. 322-326.

[6-М]. Исроилов, И.И. Марзбандии солҳои 20-уми асри XX: таъсири сиёсӣ ва оқибатҳои он барои тоҷикон / П. Нуриддин, И. И. Исроилов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2025. № 2 (18). – С. 137-143.

II. Мақола ва фишурдаи интишорот дар маҷаллаҳои илмӣ ва маҷмуаи маводи конференсияҳо:

[1-М]. Исроилов, И.И. К вопросу о специфических особенностях военной политики Республики Таджикистан / И.И. Исроилов. Материалы второе республиканской научно-теоретической конференции совета молодых ученых и исследователей ТНУ «Таджикский национальный университет – центр подготовки молодых специалистов», посвященной 25-летию Государственной независимости Республики Таджикистан. 17-18 мая 2016 г. – Душанбе, 2016. – С. 97-101.

[2-М]. Isroilov, I. From the history of the formation of the border troops of the Republic of Tajikistan / I. Isroilov // International Scientific-Practical Journal «ENDLESS LIGHT in SCIENCE» Almaty, Kazakhstan 30 November 2023.

[3-М]. Исроилов И. Сиёсати сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлол / И. Исроилов. Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ бахшида ба 1050-солагии Абурайҳони Берунӣ. – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 20 майи соли 2023. – С.339-344.

[4-М]. Исроилов И. Артиши миллӣ – кафили амнияту суботи кишвар / И. Исроилов. Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Ифротгароии динӣ ҳамчун таҳдид ба амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ». – Душанбе, ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, 20-уми феврали соли 2023. – С. 46-51.

ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ ПЕДАГОГИЧЕСКИЙ
УНИВЕРСИТЕТ ИМЕНИ САДРИДДИНА АЙНИ

УДК: 323: 341.222 (575.5)

На правах рукописи



ИСРОИЛОВ ИСМОИЛ ИСРОИЛОВИЧ

РОЛЬ ИНСТИТУТОВ ОХРАНЫ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ГРАНИЦЫ В ПРОЦЕССЕ ОБЕСПЕЧЕНИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ (НА ПРИМЕРЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН)

АВТОРЕФЕРАТ
диссертации на соискание учёной степени
кандидата политических наук по специальности
23.00.02 – Политические институты, процессы и технологии

Душанбе, 2025

Диссертация выполнена на кафедре политологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.

Научный руководитель: **Нуриддин Парвин Раймалихон** – кандидат политических наук, доцент, заведующий кафедрой политологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни

Официальные оппоненты: **Назарзода Пирали Сафар –** доктор политических наук, профессор кафедры политологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки;

Бедилзода Хусайн Кабут – кандидат политических наук, доцент, заведующий отделом проблем международных отношений Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова НАНТ.

Ведущая организация: Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава

Защита диссертации состоится «11» октября 2025 года в 10:00 часов на заседании диссертационного совета 6D.KOA-079 при Институте философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана (734025, Душанбе, проспект Рудаки 33).

С диссертацией можно ознакомиться в научной библиотеке имени Индиры Ганди Национальной академии наук Таджикистана (734025, Душанбе, проспект Рудаки 33), а также на официальном сайте Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова НАНТ (www.ifppanrt.tj).

Автореферат разослан «____» _____ 2025 года.

Ученый секретарь
диссертационного совета,
кандидат политических наук
Email: sanginov1953@mail.ru

Сангинов Н.Н.

ВВЕДЕНИЕ

Актуальность темы исследования. Исследование роли институтов охраны государственной границы в обеспечении государственной и национальной безопасности в современный период является одной из важнейших задач. Изучение путей и методов обеспечения безопасности государства и мирной жизни таджикского народа, особенно в период независимости Республики Таджикистан, приобретает новое значение. Это требует от специалистов в области политологии теоретического и практического анализа проблем, связанных с охраной государственной границы, обеспечением суверенитета, самостоятельности и безопасности страны. Актуальность данной темы особенно возрастает в условиях обострения международной обстановки и изменений в межгосударственных отношениях в различных регионах мира. Следует отметить, что в настоящее время вопросы защиты границ от внешних угроз, обеспечения стабильности и спокойствия внутри страны, а также нейтрализации внутренних вызовов и угроз, затрагивающих жизненно важные национальные интересы, становятся предметом широких дискуссий среди исследователей политических наук, государственных деятелей и политиков. При этом взгляды и подходы учёных к сущности и аспектам данного вопроса различаются, что делает необходимым проведение научного исследования с целью устранения противоречий и выработки обоснованной, теоретически выверенной позиции.

Сегодня в научный оборот введён ряд понятий, без которых невозможно полноценное понимание сущности государственной границы. Каждое государство, независимо от его географического положения, обладает определёнными границами. С этой точки зрения граница представляет собой относительно новую социальную конструкцию, которая изначально формируется как социальное представление, а затем закрепляется в виде демаркации на различных картах.

Вместе с тем, институты охраны государственной границы являются важнейшим элементом военной политики государства, поскольку именно от их деятельности зависит безопасность и защита территориальной целостности страны. Актуальность темы исследования обусловлена тем, что проблемы обеспечения приграничной безопасности в системе национальной безопасности

представляют собой обширную сферу научного и практического интереса – как для политологов, занимающихся разработкой теоретических и методологических основ, так и для сотрудников пограничных органов, непосредственно вовлечённых в обеспечение охраны границ. Обеспечение безопасности государственной границы всегда было и остаётся важнейшей и приоритетной задачей. Однако в условиях трансформации современного общества необходимость её изучения становится ещё более насущной.

В этой связи Президент Республики Таджикистан, Лидер нации, Верховный Главнокомандующий Вооружёнными Силами уважаемый Эмомали Рахмон, осознавая значимость данного вопроса, ещё 28 мая 2022 года в своём выступлении по случаю Дня пограничников подчеркнул: «Крайне сложная и чувствительная обстановка в регионе и мире, нарастание масштабов современных угроз и вызовов, прежде всего терроризма и экстремизма, религиозного радикализма, незаконного оборота оружия, наркотиков, киберпреступности и других видов организованной преступности, в первую очередь побуждает пограничников никогда не терять профессиональную и политическую бдительность»[75].

Действительно, пограничные силы всегда находятся на передовой линии борьбы с новыми глобальными угрозами и по праву считаются одним из важнейших столпов государственности. Однако в условиях нестабильной ситуации в современном мире структура, содержание и концепция национальной безопасности стали значительно более сложными, которые изменились не только соотношения её составных частей, но и характер взаимодействия между ними. В этой связи появление ряда невоенных и нетрадиционных угроз обуславливает необходимость организации, развития и совершенствования соответствующих элементов системы национальной безопасности.

Именно поэтому определение роли вооружённых сил в общей системе национальной безопасности и обороны страны обусловливает необходимость диссертационного исследования не только в рамках их функциональных задач, но и с учётом характера современных угроз, что придаёт пограничной безопасности прикладное значение и подчёркивает её важность как неотъемлемого элемента обеспечения национальной безопасности.

Следует отметить, что роль институтов охраны государственной границы в обеспечении безопасности всегда была и остаётся

приоритетной задачей. Однако её значимость особенно возросла в период обретения независимости Республики Таджикистан. Политический и экономический кризис 1990-х годов охватил нашу страну, резко ухудшив общее социально-политическое положение. В частности, противостояние между различными партиями и организациями достигло такого уровня, что деятельность отдельных лиц, социальных групп, общества и государства в целом подверглась серьёзным изменениям.

Следует отметить, что с древних времён таджики считали укрепление государства и защиту его границ своей главной задачей и основой государственности. Однако в первые годы независимости и во время навязанной гражданской войны из-за внутренней нестабильности некоторые участки наших государственных границ практически оставались открытыми. Особенно сложная ситуация наблюдалась в районе Горно-Бадахшанской автономной области Таджикистана. Позднее, по инициативе Президента республики, уважаемого Эмомали Рахмона, этот вопрос был решён, и вся линия государственной границы была передана под контроль пограничников нашей страны. Именно поэтому в апреле 2003 года Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон провёл в городе Сочи встречу с Президентом Российской Федерации В.В. Путиным, на которой была достигнута договорённость о передаче линии государственной границы Республике Таджикистан. Этапы передачи линии границы длился один год – с июня 2003 по июнь 2004 года[66, с.104-105].

Следует отметить, что каждый исторический период формирует собственную парадигму развития и соответствующие идеи о национальной безопасности. Поэтому исследование данного вопроса позволяет сосредоточить серьёзное внимание на перспективах развития институтов охраны государственной границы и их роли в обеспечении национальной безопасности и системы обороны страны.

Тяжёлые последствия навязанной гражданской войны в Таджикистане, экономического кризиса и других причинов и факторов привели к снижению военного и оборонного потенциала страны в первые годы политической независимости. В этом процессе недостаточная профессиональная подготовка офицеров и солдат, отсутствие должного уровня пропаганды и поддержки национальных ценностей, мира и стабильности, защиты прав военнослужащих, а

также снижение престижа военной службы способствовали ослаблению военной мощи государства.

Поэтому в новых условиях Республики Таджикистан возникла острая необходимость создания и формирования институтов охраны государственной границы. Эти и другие вопросы, связанные с ролью пограничных структур, а также с повышением военного и оборонного потенциала государства посредством реализации оборонной политики и военных реформ, обосновывают выбор темы диссертации. Важность анализа и исследования роли институтов охраны государственной границы в процессе обеспечения национальной безопасности также аргументирована решением перечисленных выше задач и отражена в диссертационной работе.

Степень исследования научной темы. Для определения степени изученности роли институтов охраны государственной границы в процессе обеспечения национальной безопасности данную тему можно классифицировать следующим образом:

